

ОАХК "Барки Точик"

THE WORLD BANK
IBRD • IDA

[Grab your reader's attention with a great quote from the document or use this space to emphasize a key point. To place this text box anywhere on the page, just drag it.]

НУСХАИ НИҲОЙ

Нақшаи идоракунии муҳити иҷтимоӣ ва атроф

Барқарорсозии пули саворагарди Норак

Лоиҳаи тақдиди НБО-и Норак

Майи 2020

Мундариҷа

1 МУҚАДДИМА 1
1.1 Маълумоти мухтасар 1
1.2 Ҳадафи Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ 2
1.3 Сохтори НИМЗИ 4
2 Лоиҳа 6
3 Асосҳои Сиёсӣ, Ҳуқуқӣ Ва Қонунгузорӣ 10
3.1 Заминаи меъёрии ҳуқуқии миллӣ 10
3.1.1 Арзёбии таъсирот ба муҳити зист ва фазои ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10
3.1.2 Дигар қонунҳои татбиқшаванда оид ба масоили экологӣ ва иҷтимоӣ 11
3.1.3 Иҷозат ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ 13
3.2 Уҳдадориҳои байналмилалӣ 14
3.3 Меъёрҳои иҷтимоиву экологии Бонки ҷаҳонӣ 15
3.3.1 Сиёсати иҷтимоиву экологӣ 15
3.3.2 Сиёсати амалиётии Бонки ҷаҳонӣ оид ба чораҳои ҳифз нисбати лоиҳаҳои роҳҳои обии байналмилалӣ (СА 7.50) 16
3.3.3 Дастурамали Бонки ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, тандурустӣ ва меҳнат 17
3.3.4 Тавсияҳои Бонки ҷаҳонӣ дар бораи таҷрибаҳои зарурӣ 17
3.4 Таснифи хавфҳои экологиву иҷтимоӣ 17
4 Шароити экологиву иҷтимоӣ 27
4.2 Биоразнообразие и среда обитания 28
4.3 Обҳои рӯизаминӣ 28
4.4 Шароити иҷтимоӣ 29
5 Хулосаи Таъсироти Эҳтимолии Экологӣ Ва Иҷтимоӣ 32
5.1 Таъсироти эҳтимолӣ дар вақти сохтмон 32
5.2 Таъсироти эҳтимолӣ ҳангоми истифодабарӣ ва хидматрасонии техникӣ 34
6 Нақшаи Идоракунии Муҳити Зисту Иҷтимоӣ ва Мониторинг 35
6.1 Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ 35
6.2 Нақшаи мониторини муҳити зисту иҷтимоӣ 36
6.3 Омӯзиш ва баланд бардоштани огоҳӣ 65
6.4 Рухдодҳо, номутобиқатӣ ва чораҳои ислоҳӣ 66
6.5 Ҳисоботдиҳӣ 67

Ҷадвалҳо

Ҷадвали № 1. Гузинаҳои баррасишуда 7
Ҷадвали № 2. Рӯйхати дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии нисбатан мубрам 13
Ҷадвали №3. Иҷозат ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ 13
Ҷадвали №4. Баёни мухтасари талаботҳои Бонки ҷаҳонӣ ва норасоиҳои асосӣ бо талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 19
Ҷадвали №5. Намудҳои асосии фаъолият ва таъсироти эҳтимолӣ 32
Ҷадвали №6. Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ барои барқарорсозии пули саворагарди Норак 38
Ҷадвали №7. Нақшаи мониторинги муҳити зисту иҷтимоӣ барои Лоиҳаи барқарорсози пули саворагарди Норак 58

Тасвирҳо


Тасвири №1. Ҷойгиршавии НБО-и Норак 1
Тасвири №2. Ҷойгиршавии шаҳри Норак ва пули барқароршаванда 3
Тасвири №3. Ҷойгиршавии муфассали пул ва атрофи он 3
Тасвири №4. Низоми тахминии идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ барои Лоиҳаи барқарорсозии пули саворагарди Норак 5
Тасвири №5. Ҳолати ҳозираи пул 6
Тасвири №6. Пояи №3 7
Тасвири №7. Буриши кӯндаланги пул 9
Тасвири №8. Топография ва истифодаи замин дар атрофи майдони лоиҳа 27
Тасвири №9. Намои соҳили чапи дарёи Вахш (ба раҳҳои сабзи дорои растаниҳо диққат диҳед) 28
Тасвири №10. Намои соҳили рости дарёи Вахш (ба раҳҳои андак сабзи дорои аҳён растаниҳо диққат диҳед) 28
Тасвири № 11. Аҳолии Тоҷикистон аз рӯи синну сол ва ҷинс (маълумоти барӯйхатгирии аҳолӣ дар солҳои 2000 ва 2010) 30

Рӯйхати ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ	
БТ	ШХСК "Барқи Тоҷик"
КҲМЗ	Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
С-НИМЗИ	Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ дар рафти сохтмон
см	сантиметр
ОҲФБЧҶ	Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва банақашагирии чораҳои ҷавобӣ
АСИЭ	Асосҳои сиёсати иҷтимоиву экологӣ
НИМЗИ	Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ
НМЭИ	Низоми менеҷменти экологиву иҷтимоӣ
СИЭ	Стандартҳои иҷтимоиву экологии Бонки ҷаҳонӣ
НБО	Нерӯгоҳи барқи обӣ (ё Лоиҳа)
Км	Километр
М	Метр
МСБ	Метр дар сатҳи баҳр
Мг	Миллиграмм
МВт	Мегаватт
ҲМТБ	Ҳифзи меҳнат ва ТБ
СА	Сиёсати амалиётии Бонки ҷаҳонӣ
МИЛ	Мушовир оид ба идораи лоиҳа
ВҲИ	Воситаҳои ҳифзи инфиродӣ
НАҶМ	Нақшаи амали муштарак бо ҷонибҳои манфиатдор

1 МУҚАДДИМА

Маълумоти мухтасар

Сарбанди НБО-и Норак, соли 1972 ба истифода дода шудааст. Баландии сарбанд 300 метр буда, баландтарин сарбанди сангиву регӣ дар ҷаҳон аст. Иқтидори муқарраршудаи нерӯгоҳ 3015 МВт-ро ташкил медиҳад. Сарбанд ва нерӯгоҳ (дар якҷоягӣ, Нерӯгоҳи барқи обӣ ё НБО) дар қисми ғарбии Тоҷикистон, дар масофаи тақрибан 70 км шарқи Душанбе ҷойгиранд. (ниг. **Error! Not a valid bookmark self-reference.**). Обанбор маҷрои дарёи Вахшро танзим менамояд, ки ба дарёи Панҷ мерезад ва баъдан ба Амударё мубаддал мегардад. Амударё дарёи калонтарин дар Осиёи Марказӣ ва яке аз ду шохобҳои асосии баҳри Арал мебошад.



Тасвири №1. Ҷойгиршавии НБО-и Норак

НБО-и Норак нерӯгоҳи хеле муҳим дар Тоҷикистон мебошад, зеро он беш аз 70 фоизи қувваи барқи дар Тоҷикистон тавлидшавандаро таъмин мекунад. Илова бар тавлиди нерӯи барқ, обанбор мустақиман 70 000 гектар заминро тавассути нақби махсус бо оби полезӣ таъмин мекунад ва обёрии иловагии даҳҳо ҳазор гектар бошад, тавассути танзими ҷараёни дарёи Вахш имконпазир гардид. НБО-и Норак як қисми Ширкати холдингии саҳҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» мебошад, ки идоракунии он ва иншооти ба он вобасташуда ба филиали ШХСК «Барқи Тоҷик» вогузор шудааст. ШХСК "Барқи Тоҷик" аксари нерӯгоҳҳои барқии Тоҷикистонро дорост ва идора мекунад, инчунин барои интиқол, тақсимоти сарборӣ ва тақсимоти нерӯи барқ барои тақрибан 9 миллион нафар масъул аст, ба истиснои як минтақа, дигар тамоми минтақаҳои кишварро фаро мегирад.


Аммо, дар даҳсолаҳои охир, НБО-и Норак ва сарбанд бо сатҳи нокифояи хидматрасонии техникӣ мувоҷеҳ шуданд ва дар солҳои охир ин ба он оварда расонд, ки НБО танҳо 77% нерӯи барқи иқтидори худро тавлид кунад. Иншооти обпарто ва нақбҳои обгиранда низ дар ҳолати бад қарор доранд. Илова бар ин, лойқанокшавӣ (ҷамъшавии таҳшинҳо) дар обанбор ба кам шудани ҳаҷми истифодашаванда дар обанбор оварда расонд. Бонки ҷаҳонӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ Лоиҳаи таҷдиди Нерӯгоҳи барқи обии Норакро дастгирӣ мекунанд, ки ҳадафи он маблағгузории таъмири пурраи ҳамаи нӯҳ чархаи нерӯ, таъмир ва барқарорсозии дигар ҷузъҳои калидии инфрасохтории нерӯгоҳ, иваз намудани автотрансформаторҳое, ки барои тавлиди нерӯи барқ истифода мешаванд, татбиқи чорабиниҳо оид ба беҳтар кардани бехатарии сарбанд ва инчунин таъмини кумаки лозимаи техникӣ барои татбиқи лоиҳа ва баланд бардоштани самаранокии умумии роҳандозии идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ дар ШХСК "Барқи Тоҷик" мебошад.

Дар соли 2017, ШХСК "Барқи Тоҷик" Арзёбии таъсирот ба муҳити зисту иҷтимоӣ (АТМЗИ)-ро барои ду марҳилаи Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак таҳия намуд. АТМЗИ бо назардошти талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳои Сиёсати амалиётии Бонки ҷаҳонӣ 4.01 (Арзёбии муҳити зист) ва дигар сиёсатҳои экологии Бонки ҷаҳонӣ таҳия шудааст. Азбаски АТМЗИ-и ибтидоӣ таҳияву тасдиқ гардидааст, Бонки ҷаҳонӣ Асосҳои нави сиёсати иҷтимоӣ ва экологиро таҳия ва қабул кард ва он 10 стандарти иҷтимоӣ ва экологиро (СИЭ) дар бар мегирад, ки муштариёни Бонк бояд онҳоро риоя намоянд. Дар робита ба ин, Марҳилаи II Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак бояд ба ин меъёрҳои нав мувофиқат кунад. Дар натиҷа, ШХСК "Барқи Тоҷик" АТМЗИ-и соли 2017-ро нав кард, то ба талаботи Асосҳои нави сиёсати иҷтимоӣ ва экологӣ мувофиқат намояд. ШХСК "Барқи Тоҷик" инчунин Нақшаи амали якҷоя бо ҷонибҳои манфиатдор (НАҶМ)-и соли 2017-ро нав намуд, ки дар он чӣ гуна баргузор гардидани машваратҳо бо ҳукумат ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бо мақсади огоҳонидани онҳо дар бораи татбиқи минбаъдаи лоиҳа ва гирифтани маълумот аз онҳо дар бораи нигарониҳо ё масъалаҳои дигар баён гардидааст.

Яке аз қисмҳои марҳилаи II Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак барқарорсозии пули автомобилгард ва пиёдагард мебошад, ки соҳилҳои дарёи Вахшро дар поёни сарбанди обанбори НБО-и Норак ба ҳам мепайвандад. Пул дар поёни бинои НБО ҷойгир аст (Тасвири №2 ва Тасвири №3). Ҳангоми гузаронидани АТМЗИ дар соли 2017, пул қисми Лоиҳа набуд ва бинобар ин ҳеч гуна арзёбии барқарорсозии пул гузаронида нашуда буд.


1.2 Ҳадафи Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ

АТМЗИ соли 2017 аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд дар матн "Кумита" ё "Кумитаи ҳифзи муҳити зист") тасдиқ карда шуд ва ин санади тасдиқшуда то ҳанӯз эътибор дорад. Дар ҳамин ҳол, дар АТМЗИ таъсири эҳтимолӣ ба ҳифзи меҳнат, муҳити зист ва бехатарӣ (ҲММАБ)-и ҷузъи барқарорсозии пули саворагарди Норак дар доираи лоиҳаи умумӣ ба таври мушаххас арзёбӣ нагардида буд ва ҳоло зарур аст, ки ин масъала дар алоҳидагӣ баррасӣ шавад. Ин Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ (НИМЗИ) бо мақсади хулосабарорӣ аз таъсироти эҳтимолии ҷузъи барқарорсозии пули Норак дар доираи Лоиҳаи умумӣ ва муайян намудани чораҳое, ки бояд ҷиҳати пешгирӣ, коҳиш ё ба гунаи дигар сабук кардани хавфу таъсироти эҳтимолии экологӣ ва иҷтимоӣ андешида шаванд, таҳия гардидааст. Бо дарназардошти маҳдудияти ҳудуди қитъаи иҷроиши кор, ки метавонад осеб бинад ва хислати хурдҳаҷми худи корҳо, паёмадҳои экологиву иҷтимоии Лоиҳаи барқарорсозии



Тасвири №2. Ҷойгиршавии шаҳри Норак ва пули барқароршаванда

.



Тасвири №3. Ҷойгиршавии муфассали пул ва атрофи он

пули саворагарди Норак на дар АТМЗИ, балки дар Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ (НИМЗИ)-и мазкур арзёбӣ мегарданд. Интизор меравад, ки чораҳои нармсозии дар ин НИМЗИ пешбинишаванда тамоми таъсирҳоро то сатҳи қобили қабул коҳиш медиҳанд ва мутобиқати Лоиҳаро бо талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СИЭ-и Бонки ҷаҳонӣ таъмин менамоянд. Дар баъзе ҳолатҳо, НИМЗИ тақозо менамояд, ки ШХСК "Барқи Тоҷик" ва ё пудратчиён нақшаҳои муфассалтари идоракуниро, ки ба фаъолиятҳои мушаххас ва ё категорияи хавфҳо ва таъсироти эҳтимолӣ мутобиқ шудаанд, таҳия намоянд.

Ниҳоят, ШХСК "Барқи Тоҷик" барои иҷрои талаботи пешбининамудаи ин НИМЗИ дар давоми Лоиҳаи барқарорсозии пули саворагарди Норак масъул аст. Ширкати муҳандисии Stucky Ltd. аз ҷониби ШХСК "Барқи Тоҷик" ба ҳайси Мушовир оид ба идоракунии лоиҳаҳо таъин карда шуд ва дар ин нақш Stucky Ltd. раванди интихоби пудратчии сохтмонро дастгирӣ намуда, инчунин назорати ҳамарӯзаи тамоми нишондиҳандаҳои фаъолияти Пудратчӣ, аз ҷумла назорати нишондиҳандаҳои экологӣ ва иҷтимоиро таъмин хоҳад кард. Илова бар ин, мушовири масоили ҳифзи меҳнат, муҳити зист ва бехатарӣ, инчунин мушовири масоили иҷтимоӣ ҷалб карда хоҳад шуд (бо воҳиди кории пурра), ки ба Stucky Ltd. ҷиҳати назорати кори пудратчиён дар ду самт - корҳои таҳдид дар НБО-и Норак ва корҳои вобаста ба барқарорсозии пули саворагарди Норак кумак менамояд.


Талабот ва раванди дар ин НИМЗИ муқарраршуда асоси Низоми идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ (НИЭИ)-ро ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби ШХСК "Барқи Тоҷик", Мушовир оид ба идоракунии лоиҳа (Stucky Ltd) ва Пудратчӣ (аз ҷумла зерпудратчиён) ҳангоми иҷрои корҳои вобаста ба барқарорсозии пули саворагарди Норак роҳандозӣ мегардад. Сохтори асосҳои СИМИЗ-и лоиҳа дар тасвири 4 дар зер нишон дода шудааст.

НИМЗИ фаъолиятро дар марҳилаи сохтмони Лоиҳа фаро мегирад, зеро интизор меравад, ки аксари таъсироти эҳтимолӣ - ба муҳити зист ва муҳити иҷтимоӣ - ҳангоми сохтмон рух медиҳанд. Пас аз сохтмон, пул ба мақомоти роҳу нақлиёт супорида мешавад ва Ҳукумат барои истифода ва нигоҳдории минбаъда масъул хоҳад буд.

1.3 Сохтори НИМЗИ

Фаслҳои боқимондаи Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоии мазкур ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ шудаанд:

- Фасли 2: "Тавсифи Лоиҳа"
- Фасли 3: "Талаботҳои татбиқшавандаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки ҷаҳонӣ ва дигар стандартҳо"
- Фасли 4: "Шароити экологиву иҷтимоӣ"
- Фасли 5: "Шарҳи таъсироти эҳтимолӣ"




Тасвири №4. Низоми тахминии идоракунии муҳити зисту иҷтимой барои Лоиҳаи барқарорсозии пули саворагарди Норак

2 Лоиҳа

Тамоми корҳои барқарорсозии пул дар қитъаи ҷойгиршавии пули мавҷудаи болои дарёи Вахш, ки аз наздиктарин минтақаи аҳолинишин тахминан 100 метр дуртар ҷойгир аст, анҷом дода мешаванд. Пудратчӣ инчунин метавонад як ё якчанд майдончаҳои ҳамшафатро таъсис диҳад, ки дар он ҷо метавонанд воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизот нигоҳдорӣ ва кор фармуда шаванд, ва имкон дорад, чунин майдончаҳо барои истиқомати коргарон истифода шаванд. Макони ҷойгиршавии ҳама гуна чунин майдончаҳоро Пудратчӣ интихоб хоҳад кард, вале чӣ тавре интизор меравад, дар ҳудудҳои пешинаи саноатӣ ё дигар минтақаҳои азхудкарда ҷойгир хоҳанд шуд. Дар доираи лоиҳа ҳеч гуна вайронкунии нави қабати хок ё канда бурдани замин пешбинӣ нагардидааст.

Пули мавҷуда бо дарозии 165 метр аз се паҳнои пӯлодӣ ва як паҳнои бетонӣ иборат аст, ки ба ду пояи соҳилӣ ва се пояи мобайнӣ такя мекунанд. Ҳамон тавре ки дар таҳияи асосноккунии техникиву иқтисодии барқарорсозии пули саворагарди Норак[1] баррасӣ шуд, ҳолати кунунии пулро "бад" ё "ба таври назаррас фарсуда" тавсиф кардан мумкин аст (Тасвири №6). Ин натиҷаи вайроншавии пул дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ, харобкорӣ, хисороти намии об аз канали боз ва мавҷуд набудани хидматрасонии техникӣ мебошад.



Тасвири №5. Ҳолати ҳозираи пул

Манбаъ: АТИ, 2018

[1] Асосноккунии техникиву иқтисодии барқарорсозии пули саворагарди Норак. Stucky Ltd., 1 марти соли 2018. Ҳуҷҷати 5489/4209. Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак, Вазифаи А

Норасоиҳои асосии зерин муайян карда шудаанд:

- Набудани фарши бетонӣ дар 17 метри охири пул дар соҳили чап
- Мавҷудияти ҷойгоҳ (30 см) дар байни сохтори бетонӣ ва пӯлодӣ ба сабаби ҷойгиршавии нодурусти пайвандакҳо
- Мавҷуд набудани ягон аломати роҳ, ба ҷуз як аломати номаълум
- Набудани чораҳои бехатарӣ
- Набудани ҳеч гуна низоми нигоҳдории заҳкашӣ
- Мавҷуд набудани ҳеч як инфрасохтори муҳандисӣ, ба ҷуз лӯлаи об дар наздикии пайраҳа
- Зарари ҷиддии пояи мобайнии аввал

Муайян шудааст, ки зангзанӣ хислати маҳдуд дорад ва ба андозаҳои сохтории баъзе ҷузъҳо таъсир намерасонад. Пойгоҳи пул, ҳарчанд қисман хароб шудааст, аммо ҳамчун "дорои захираи баланди мустаҳкамӣ тарҳрезишуда" муайян гардидааст ва барои барқарорсозиву навсозӣ мувофиқ мебошад. Пояи мобайнии №2, ки дар маҷрои дарё ҷойгир аст, осебнадида боқӣ мемонад ва Пояи мобайнии №3 дар ҳолати хуб қарор дорад (Тасвири № 6).



Тасвири №6. Пояи №3

Манбаъ: АТИ, 2018

Дар доираи асосноккунии техникию иқтисодӣ ду роҳи барқарорсозии пули саворагарди Норак пешниҳод карда шуд. Гузинаҳо бо равиш ва давомнокии давраи сохтмон шабоҳат доранд, аммо Гузинаи А маънои азнавсозии сохтори кӯҳнаро дар назар дорад, дар ҳоле ки Гузинаи В сохтори нави замонавиро дар назар дорад, ки ба меъёрҳои техникии сохтмонии умумиаврупоӣ мувофиқ аст ва тақрибан шаш фоиз арзон аст. Дар Ҷадвали №1 ду равиши гузинишро барои рафъи норасоиҳо дар ҳар як ҷузъи асосии пул нишон дода шудааст.


Ҷадвали № 1. Гузинаҳои баррасишуда

Ҷузъи пул	*Гузинаи А*	*Гузинаи В*
Пояи соҳилии пул АВ1	Ба васлсозии ҷадид ниёз дорад ва сохтмони пояи соҳилии нав пешбинӣ шудааст.	Ба васлсозии ҷадид ниёз дорад ва сохтмони пояи соҳилии нав пешбинӣ шудааст.

Ҷузъи пул	*Гузинаи А*	*Гузинаи В*
Пояи мобайнӣ Р1	Ба васлсозии ҷадид ниёз дорад ва сохтмони пояи мобайнии нав пешбинӣ шудааст.	Ба васлсозии ҷадид ниёз дорад ва сохтмони пояи мобайнии нав пешбинӣ шудааст.
Пояи мойбанӣ Р2	Ба таъмири куллӣ ниёз дорад	Ба таъмири куллӣ ниёз дорад ва баландӣ барои сохтмони нав танзим карда шудааст
Пояи мобайнӣ Р3	Ба таъмири куллӣ ниёз дорад	Ба таъмири куллӣ ниёз дорад ва баландӣ барои сохтмони нав танзим карда шудааст
Пояи соҳилии пул АВ2	Ба таъмири куллӣ ниёз дорад	Ба таъмири куллӣ ниёз дорад
Фосила байни АВ2 & Р3	Ба таъмири куллӣ ниёз дорад	Ба таъмири куллӣ ниёз дорад
Сохтмони пӯлодии мавҷуда	Қисман иваз намудан ва иҷроиш мувофиқи тарҳи қаблӣ	Ивази пурра ва таъмири куллии рӯйбасти 2-болории муосир, ки ба меъёрҳои техникии сохтмонии умумиаврупоӣ мувофиқанд
Арзиш (бо доллари ИМА)	1,531,500	1,447,250-- гунаи сарфаҷӯёнатар
Баландии сохтмон	3,6 метр Таносуби назарраси дарозӣ/умқ	2.3 метр Тарҳи босалиқатар
Баландӣ дар сатҳи баҳр	Ҳамчунон, монанди девораи рӯйиобии мавҷуда	Девораи рӯйиобӣ 2 метр баландтар
Вақти иҷроиш	Тақрибан 62 ҳафта	Тақрибан 62 ҳафта
Манбаъ: асосноккунии техникиву иқтисодӣ, соли 2018		

Паҳнои умумии пули барқароршаванда 8,5 метр, аз ҷумла ду рахи автомобилгард бо паҳнои 3,25 метр ва пайроҳаи пиёдагард дар ҳар ду тараф як метрро ташкил медиҳад. Баландии умумии пул тақрибан 2,3 метр аз сатҳи баҳр ҳисоб шудааст. Дар Тасвири №7 буриши кӯндаланги пул нишон дода шудааст.

Тавре дар ҷадвали боло нишон дода шудааст, сохтмон тахминан 62 ҳафтаро дар бар мегирад. Шумораи дақиқи кормандонро пудратчӣ муайян хоҳад кард, аммо эҳтимолан он тахминан 100 нафар хоҳад буд.



Тасвири №7. Буриши кӯндаланги пул

Манбаъ: Асосноккунии техникиву иқтисодӣ, 2018

Аксарияти кормандон, шояд аз нисф зиёдтар, сокинони маҳаллӣ хоҳанд буд. Пудратчӣ муайян месозад, ки оё ӯ манзилро пешниҳод менамояд ё коргарон мустақилона ҷои истиқомати худро ташкил мекунанд. Ҷойгоҳҳои анбор низ аз ҷониби Пудратчӣ пеш аз оғози корҳои сохтмонӣ интихоб карда мешаванд ва тавре қайд гардид, эҳтимолан, ин минтақаҳо дар минтақаҳои наздики собиқ саноатӣ ҷойгир карда хоҳанд шуд.

Пул бо усулҳои дастрасии куллӣ азнавсозӣ карда мешавад, то пул барои ҳама корбарон, аз ҷумла кӯдакон, пиронсолон ва одамони дорои имкониятҳои маҳдуд бехатар ва дастрас бошад. Пул дар вақти сохтмон то ҳадди имкон барои мошинҳои сабукрав ва пиёдагардон боз хоҳад буд ва роҳбандони муваққатӣ танҳо вақте имконпазир аст, ки корҳо хатари ногузире доранд. Дар ҳолати маҳдудиятҳои тӯлонӣ дар убури дарё тавассути пул пудратчиён чораҳои алтернативиро барои таъмини дастрасӣ ба соҳили муқобил таъмин менамоянд.

3 Асосҳои Сиёсӣ, Ҳуқуқӣ Ва Қонунгузорӣ

Ин фасл талаботҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалиро тавсиф менамояд, ки метавонанд ба ҷузъи барқарорсозии пули саворагарди Норак ҳамчун як қисми Лоиҳаи таҳдиди НБО-и Норак татбиқ карда шаванд.

3.1 Заминаи меъёрии ҳуқуқии миллӣ

Қонун дар бораи ҳифзи муҳити зист, ба ном «қонуни соҳавӣ дар бораи муҳити зист» соли 2011 қабул карда шуд (21 июли соли 2011, №208). Қонуни қаблӣ дар бораи ҳифзи табиат соли 1993 қабул шуда, дар солҳои 1996, 2002, 2004 ва 2007 ба он тағйирот ворид гардидааст. Соли 2011 он бо Қонуни нав иваз карда шуд. Қонуни нав пешбинӣ менамояд, дар сиёсати экологии Тоҷикистон бояд ба он тадбирҳои ҳифзи табиат афзалият дода шавад, ки бо принсипҳои илман собитшуда асос ёфтаанд ва якҷоясозии фаъолиятҳои иқтисодӣ ва дигар намуди фаъолиятҳоеро фароҳам меоваранд, ки ба муҳити зист бо ҳифзи табиат ва истифодаи устувори захираҳо таъсир мерасонанд. Қонун принсипҳои ҳуқуқии татбиқшаванда, объектҳои ҳифзшаванда, ваколатҳо ва вазифаҳои ҳукумат, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳидаро муайян менамояд. Қонун инчунин тадбирҳоеро таъмин менамояд, ки ҳуқуқҳои ҷомеа ва шахсони алоҳидаро ба муҳити зисти бехатару солим муайян мекунанд ва низоми ягонаи арзёбии таъсири экологӣ ва баҳодиҳии таъсирот ба муҳити зистро нисбати ҳама гуна фаъолиятҳое, ки метавонанд ба муҳити зист таъсири манфӣ дошта бошанд, талаб мекунад. Қонун ҳолатҳои фавқулоддаи экологӣ ва фалокатҳои экологиро муайян мекунад ва тартиби амалро дар чунин ҳолатҳо муқаррар намуда, масъулияти шахсони мансабдор ва корхонаҳоро барои пешгирӣ ва рафъи паёмадҳои он, инчунин масъулияти шахсон ё созмонҳоеро, ки ба муҳити зист зиён расонидаанд ё ба тариқи дигар қонунро вайрон кардаанд, муайян месозад. Қонун якчанд намудҳои назоратро аз болои риояи қонунгузории экологӣ муқаррар менамояд: назорати давлатӣ, назорати вазорат, назорати корхонаҳо ва назорати ҷамъиятӣ. Назорати давлатӣ аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Нозироти санитарии Вазорати тандурустӣ, Нозироти бехатарии саноатӣ ва Бозрасии кӯҳиву техникӣ сурат мегирад. Назорати ҷамъиятӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё иттифоқҳои касаба ба амал бароварда мешавад ва мумкин аст нисбат ба ҳама гуна мақомоти давлатӣ, корхона, ташкилот ё шахс татбиқ карда шавад.

3.1.1 Арзёбии таъсирот ба муҳити зист ва фазои ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ду қонун талабот барои арзёбии таъсиротро муқаррар менамояд: Қонун дар бораи ҳифзи муҳити зист ва Қонун дар бораи экспертизаи экологӣ. Дар боби V, моддаҳои 35-39 Қонун дар бораи ҳифзи муҳити зист (2012) консепсияи экспертизаи давлатии экологӣ (айнан экспертизаи давлатии экологӣ - ЭДЭ) пешниҳод карда мешавад, ки ҳадафи он санҷиши мутобиқати фаъолиятҳо ва лоиҳаҳои пешбинишуда ба талаботи қонунгузориву стандартҳои экологӣ ва бехатарии экологии ҷомеа мебошад. Маблағгузории барномаҳо ва лоиҳаҳо танҳо пас аз нашри хулосаи мусбии ЭДЭ иҷозат дода мешавад. Тавре ки қаблан қайд гардид, АТМЗИ соли 2017 барои Лоиҳаи умумии барқарорсозии НБО-и Норак аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист қабул ва тасдиқ карда шуд, ки аз рӯйи натиҷаҳои ЭДЭ хулосаи мусбӣ пешниҳод (нашр) намуд. АТМЗИ-и навшуда аз соли 2017 барои Лоиҳаи таҳдиди НБО-и Норак ва ин НИМЗИ барои барқарорсозии пули саворагарди Норак ҷиҳати баррасӣ ва тасдиқи экспертизаи давлатии экологии назди Кумитаи ҳифзи муҳити зист (яъне хулосаи мусбӣ) пешниҳод карда мешаванд.

3.1.2 Дигар қонунҳои татбиқшаванда оид ба масоили экологӣ ва иҷтимоӣ

Дигар қонунҳо ва талаботҳои калидӣ низ нисбати лоиҳа татбиқ карда мешаванд ё метавонанд ба тарроҳӣ ё истифодабарӣ алоқаманд бошанд, аз ҷумла қонунҳои дар ин ҷо тавсифшуда.

Як қатор санадҳои ҳуқуқӣ барои вайрон кардани қонунҳои ҳифзи табиат, ки метавонанд аз ҷониби якчанд мақомоти давлатӣ татбиқ шаванд, ҷавобгариро муқаррар менамоянд. Аз ҷумла, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии соли 2010 барои ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шахсони алоҳида барои як қатор қонуншиканӣ, аз ҷумла муносибати беэътиноӣ ба замин, вайронсозии қоидаҳои истифодаи об ё ҳифзи об ё риоя накардани талаботи ЭДЭ ҷавобгарии маъмуриро муқаррар менамояд. Ҷазоҳои маъмурӣ барои қонуншиканиҳои экологӣ метавонанд аз ҷониби комиссияҳои маъмурии ҳукуматҳои маҳаллӣ, судҳо, нозирони Кумитаи ҳифзи муҳити зист, нозирони байтории Вазорати кишоварзӣ, инчунин Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ татбиқ карда шаванд. Ҷазои маъмурии маъмултарин ин ҷарима то 10 андозаи маоши ҳадди ақал барои шахсони воқеӣ ва то 15 андозаи маоши ҳадди ақал барои шахсони мансабдори ташкилотҳо мебошад. Кодекси ҷиноятии соли 1998 ҷиноятҳои зидди бехатарии экологӣ ва муҳити зистро дар бар мегирад, аз қабили вайронкунии амнияти экологӣ дар ҷои кор, шикори ғайриқонунӣ ва вайронсозии замин, инчунин вайронкунии қоидаҳои ҳифз ва истифодаи захираҳои зеризаминӣ. Ҷаримаи ҳадди аксар то 2000 маоши ҳадди ақал ва ҷазои ҳадди аксар то ҳашт соли маҳрумӣ аз озодӣ мебошад.

Қонун дар бораи иттилооти экологӣ (2011) аз моддаи 25 Конститутсия асос ёфтааст, ки дар он гуфта шудааст, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд, ба ҳар кас имконияти гирифтани маълумот ва шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳоеро, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои онҳо алоқаманданд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст. Қонун заминаи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии пешниҳоди иттилооти экологиро муайян мекунад ва ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои гирифтани маълумоти пурра, эътимоднок ва саривақтии экологӣ муқаррар менамояд. Моддаи 4 ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти экологиро таъмин менамояд ва моддаи 8 шартҳои маҳдудкунии дастрасӣ ба иттилооти экологиро муайян мекунад.

Кодекси об (соли 2000, тағйироти охирин дар соли 2012) сиёсати идоракунии захираҳои об, иҷозатдиҳӣ, ҳалли баҳсҳо, банақшагирии истифода ва сиёсати кадастри обро муқаррар менамояд. Он ба истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об, ки ҳамаи баҳрабардорон истифода мебаранд, мусоидат менамояд ва намудҳои ҳуқуқи истифодаи об, салоҳият ва нақши мақомоти минтақавӣ ва маҳаллиро дар тақсими об байни истифодабарандагони гуногун, пардохт, банақшагирии истифодаи об, ҳуқуқи истифодаи об ва ҳалли баҳсҳо муайян мекунад. Кодекс ба ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об салоҳияти истифода ва нигоҳ доштани инфрасохтори обёрӣ ва заҳкашӣ дар дохили хоҷагиро медиҳад. Аз эҳтимол дур аст, ки барои пудратчӣ зарурати аз дарё об кашидан пеш ояд, аммо агар чунин зарурат ба миён ояд, Кодекси об татбиқ хоҳад шуд.

Кодекси тандурустӣ (соли 2017), ки қонун «***Дар бораи бехатарии санитарӣ ва эпидемиологии аҳолӣ***» (соли 2003, тағйироти охирин дар соли 2011) иваз намуд, консепсияи экспертизаи санитарӣ ва эпидемиологиро ҷорӣ кард, ки мувофиқати ҳуҷҷатгузориҳои лоиҳавӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ ба меъёрҳо ва қоидаҳои санитарию эпидемиологии давлатиро муқаррар намуд, ҳамчунин чораҳои санитарию гигиенӣ, зиддиэпидемикӣ ва иттилоотӣ тақвият ёфтанд. Ба онҳо маҳдудиятҳо барои сарусадо, ки нисбати Лоиҳа татбиқ мегарданд, дохил мешаванд.

Кодекси меҳнат (2016) меҳнати маҷбурӣ ва меҳнати кӯдаконро манъ мекунад. Кодекси меҳнат табъиз ҳангоми ба кор қабул карданро манъ намуда, синну соли ҳадди аққали кӯдаконро барои меҳнат ва инчунин шароитҳоеро, ки кӯдакон метавонанд кор кунанд, муқаррар месозад. Синну соли ҳадди аққали қабул ба кор 15 сол аст, аммо дар баъзе ҳолатҳо бо омодагии касбӣ ба ҷалби наврасони 14-сола барои иҷрои корҳои сабук иҷозат дода мешавад. Ғайр аз он, баъзе маҳдудиятҳои меҳнат вобаста ба он ки кадом намуди кор иҷро мешавад ва барои коргарони синнашон то 18-сола кадом соати корӣ иҷозат дода шудааст, вуҷуд доранд. Кӯдакони то 18-сола наметавонанд бо корҳои хатарнок, аз ҷумла сохтмон машғул шаванд. Кодекс инчунин қоидаҳои маоши ҳадди аққал, рухсатӣ, вақти изофакориро муқаррар намуда, муқаррарот барои занҳои ҳомила ва парастории кӯдаконро дар бар мегирад. Он инчунин қоидаҳои ҳалли баҳсҳои байни коргар ва корфарморо муқаррар менамояд.

Кодекси меҳнат, инчунин, талаботҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро муқаррар менамояд. Он ҳуқуқи коргаронро барои кор дар ҷойҳое, ки аз таъсири омилҳои хатарнок ва зараровар муҳофизат шудаанд, муқаррар менамояд. Корфармоён вазифадоранд, ба коргарон дар бораи хавфу хатарҳои корашон иттилоъ диҳанд ва корфармоён ҳамчунин вазифадоранд, ки кормандони худро бо воситаҳои муҳофизати шахсиро таъмин кунанд. Корфармоён уҳдадоранд ба кормандон суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш, беморӣ ё ҷароҳате, ки бо иҷрои уҳдадориҳои мансабии кормандон алоқаманданд, пешниҳод намоянд. Қонун ба коргарон ҳуқуқ медиҳад, ки аз иҷрои коре, ки талаботи ҳифзи меҳнатро вайрон мекунад, даст кашанд. Ғайр аз ин, коргароне, ки дар шароити хатарноки меҳнат кор мекунанд, ба гирифтани кумаки ройгони тиббӣ ва пешгирӣ, рухсатии иловагии музднок ва дигар имтиёзу ҷубронҳо ҳуқуқ доранд. Дар сурати маъюбӣ ё марг, корфармоён уҳдадоранд, ки ба андозаи музди миёнаи солона ҷубронпулӣ пардохт намоянд. Корфармоён бояд ба коргарон бехатарии меҳнатро омӯзонанд ва ҳимояи коллективию шахсии кормандонро таъмин кунанд. Ҳодисаҳои нохуш бояд таҳқиқ карда шаванд. Ниҳоят, агар дар ташкилот зиёда аз 50 нафар кор кунанд, бояд «хадамоти ҳифзи меҳнат» ҷойгир карда шавад, ки он ба ШХСК «Барқи Тоҷик» ва инчунин ба Пудратчии корҳои сохтмонӣ қобили татбиқ аст.

Мувофиқи ***Қонун дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ*** (с. 2007, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо дар соли 2019), иттиҳодияи ҷамъиятӣ метавонад дар яке аз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии зерин таъсис дода шавад: ташкилоти ҷамъиятӣ, ҳаракати ҷамъиятӣ ё мақоми ташаббуси ҷамъиятӣ. Бахши 4 қонуни мазкур ҳуқуқи шаҳрвандонро ба ташкили иттиҳодияҳо барои ҳимояи манфиатҳои умумӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ муқаррар мекунад. Дар он табиати ихтиёрии ассотсиатсияҳо инъикос гардида, ҳуқуқи шаҳрвандон барои дохил нашудан ба созмонҳо ва хориҷ нашудан аз онҳо муайян карда шудааст. Қонуни мазкур аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ талаб мекунад, ки Вазорати адлияро дар бораи тамоми маблағҳои аз манбаъҳои байналмилалӣ гирифташуда пеш аз истифодаи онҳо огоҳ намоянд ва иттилооти молиявиро дар торнамоҳои худ ҷой диҳанд.

Қонун дар бораи ҷамъомадҳои оммавӣ, намоишҳо ва гирдиҳамоиҳо аз соли 2014 (моддаи 12) пешбинӣ мекунад, ки ташкилкунандагон бояд понздаҳ рӯз пеш аз баргузории ҷамъомади оммавӣ иҷозат бигиранд.

Қонун дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот (1994) ва Қонун дар бораи идоракунии оммавии маҳаллӣ барои худидоракунии маҳаллӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меоранд. Қонуни қаблӣ ба Ҷомеаҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои иҷтимоию иқтисодии маҳаллӣ як қатор салоҳият ва ваколатҳои дастгирии кӯшишҳои ҷомеаро медиҳад. Тағйиротҳо ба Қонуни соли 2009 ба таҳкими худидоракунии маҳаллӣ ва ҳисоботдиҳӣ тавассути додани

ваколатҳои бунёдӣ ба шӯрои ҷомеаҳо ва қорӣ намудани низоми интихоботи мустақими аъзои ҷомеаҳо нигаронида шудаанд. Тағйироти соли 2017 ба шӯрои ҷомеаҳо имкон медиҳад, ки даромадҳои ғайриандозиро аз расонидани хадамоти маъмурӣ ва инчунин як қисми андоз аз амволи маҳаллӣ нигоҳ доранд. Тағйироти соли 2017 муносибати ҷиддии ҷониби ҳукумати миллиро дар қабули сиёсате дар назар дорад, ки ба шӯрои ҷомеаҳо барои дастгирии рушди маҳал ва ҳалли мушкилот салоҳият ва захираҳо фароҳам меорад.

Дигар санадҳои қонунгузории (меъёрии ҳуқуқии) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки метавонанд ба фаъолияти лоиҳавӣ татбиқ шаванд, дар Ҷадвали №2 оварда шудаанд.

Ҷадвали № 2. Рӯйхати дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии нисбатан мубрам

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ
Қонун дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера (метавонад иҷозат барои партови генераторҳо ё дигар сарчашмаҳои азимро талаб кунад)
Қонун дар бораи аудити экологӣ (имкон дорад аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист талаб карда шавад)
Қонун дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ (иҷозат лозим аст)
Қонун дар бораи мониторинги экологӣ
Кодекси об (барои истифодаи об иҷозат лозим аст)
Қонун дар бораи ҳаракат дар роҳ ва фаъолияти роҳ
Қонун дар бораи нақлиёт
Қонун дар бораи ҳаракат дар роҳ
Қонун дар бораи бехатарии нақлиёт

3.1.3 Иҷозат ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ

Дар Ҷадвали №3 рӯйхати тахминии иҷозатҳо, иҷозатномаҳо, шаҳодатномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо оварда шудааст, ки гирифтани онҳо барои татбиқи Лоиҳа зарур аст.

Ҷадвали №3. Иҷозат ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ

Тавсифи ҳуҷҷати иҷозат	Таърихи додан	*Аз тарафи кӣ дода шудааст*
Марҳилаи лоиҳакашӣ (Барқи Тоҷик)		
Хулосаи Экспертизаи давлатии экологӣ	Баъди пешниҳод	Кумитаи ҳифзи муҳити зист (КҲМЗ)
Марҳилаи сохтмон (Пудратчӣ)		
Иҷозатнома барои пешбурди шакли фаъолият	То оғози сохтмон	Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон
Иҷозати истифодаи замин барои бунёди шаҳрак, корхонаҳои асфалту бетон ва таҳияи конҳои истихроҷи хок барои тайёр кардани масолеҳи сохтмонӣ (шағал, қум, санги шағал) ва корҳои заминсозӣ барои фарши роҳ.	То оғози сохтмон	Мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ (Ҳукуматҳо)
Иҷозат барои истифодаи махсуси об	До и во время строительства	Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Геологияи тоҷик (обҳои техникӣ),

Тавсифи ҳуҷҷати иҷозат	Таърихи додан	*Аз тарафи кӣ дода шудааст*
		Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (оби нӯшиданӣ)
Иҷозат барои партофтани моддаҳои зараровар ба атмосфера (ПҲМ) аз манбаъҳои статсионарӣ ва сайёр	Дар марҳилаи сохтмон	Кумитаи ҳифзи муҳити зист (КҲМЗ)
Иҷозат барои партофтани моддаҳои хатарнок ба иншооти об (ПҲМ)	Дар марҳилаи сохтмон	Кумитаи ҳифзи муҳити зист (КҲМЗ)
Иҷозатнома барои аз худ кардани замин ҷиҳати нигаҳдории муваққатии партовҳои сохтмонӣ (хокҳои пастсифат, асфалти куҳна, масолеҳи бетонии кандашуда ва ғайра)	Дар марҳилаи сохтмон	Кумитаи ҳифзи муҳити зист (КҲМЗ), мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ (Ҳукуматҳо)
Иҷозат барои кашонидани партовҳои сохтмониву маишӣ ҷиҳати нигаҳдошт дар ҷойҳои махсуси таъиншуда (минтақаҳои нобудсозӣ)	Аз рӯйи зарурат	Мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ (Ҳукуматҳо)

3.2 Уҳдадориҳои байналмилалӣ

Илова бар қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии марбут ба масоили муҳити зист, Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин иштирокчии як қатор шартномаҳои байналмилалии ғолибан муҳим мебошад, ки ба масъалаҳои экологӣ нигаронида шудаанд:

- Конвенсияи соҳавии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (Тоҷикистон ин конвенсияро соли 1998 тасдиқ кард), бо Протоколи дахлдори навсозишудаи Киото (Тоҷикистон 29 декабри соли 2008 ба Протокол ҳамроҳ шуд ва Протокол 29 марти 2009 қувваи қонунӣ гирифт)
- Конвенсияи Стокҳолм дар бораи олудагиҳои устувори органикӣ (соли 2007 аз ҷониби Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст), пас аз таҳрири нав
- Конвенсияи Орхус (Конвенсияи КИА СММ дар бораи дастрасӣ ба иттилоот, иштироки ҷамъият дар қабули қарор ва дастрасӣ ба адолат дар масъалаҳои муҳити зист) (Тоҷикистон соли 2001 ҳамроҳ шуд), ки бо Протоколи Киев оид ба қайди партовҳо ва интиқоли олудасозҳо ба Конвенсия дар бораи дастрасӣ ба иттилоот нав карда шудааст (Тоҷикистон 21 майи соли 2003 Протоколро ба имзо расонид)
- Конвенсияи Роттердам оид ба розигии пешакии асоснок (РПА), Тоҷикистон 28 сентябри соли 1998 ба Конвенсия шомил шудааст, тасдиқи он дар назар аст
- Конвенсияи Базел оид ба назорати интиқоли фаромарзии партовҳои хатарнок ва нобудкунии онҳо (с. 2016)

Илова бар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор меъёрҳои асосии меҳнати Созмони байналмилалии меҳнатро ба тасвиб расонидааст, аз ҷумла:

- Конвенсия дар бораи меҳнати маҷбурӣ (С029) ва Конвенсия дар бораи лағви меҳнати маҷбурӣ (С105)

- Конвенсия дар бораи синни минималӣ (С138) ва Конвенсия дар бораи бадтарин шаклҳои меҳнати кӯдакон (С182)
- Конвенсия дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл (С111)
- Конвенсия дар бораи озодии иттиҳодияҳо ва ҳимояи ҳуқуқи ҳамроҳшавӣ (С087)
- Конвенсия дар бораи истифодаи принсипҳои ҳуқуқ ба иттиҳод дар иттифоқҳои касаба ва пешбурди музокироти дастаҷамъӣ (С098)
- Конвенсия дар бораи музди баробар барои мардон ва занон барои кори баробараризиш (С100)

3.3 Меъёрҳои иҷтимоиву экологии Бонки ҷаҳонӣ

3.3.1 Сиёсати иҷтимоиву экологӣ

ШХСК «Барқи Тоҷик» барои лоиҳаи мазкур аз Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ дархост менамояд. Талаботи Бонки ҷаҳонӣ ба он маъност, ки Лоиҳа ба стандартҳои экологӣ ва иҷтимоии Бонк ва инчунин қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кунад, агар талаботи қонунгузорӣ нисбат ба стандартҳои Бонки ҷаҳонӣ сахтгиронатар бошанд. Тавре дар боло қайд карда шуд, Сиёсати экологӣ ва иҷтимоии Бонки ҷаҳонӣ ва 10 стандарти иҷтимоӣ ва экологӣ (СИЭ) талаботро барои қарзгирандагон ва грантдиҳандаҳо, ба монанди ШХСК "Барқи Тоҷик", барои муайян, арзёбӣ ва назорати хавфҳо ва таъсироти экологиву иҷтимоии лоиҳаҳои аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузоришаванда муқаррар менамоянд. Стандартҳои мавҷудаи иҷтимоию экологӣ иборатанд аз:

- Стандарти №1 "Арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо ва таъсироти иҷтимоию экологӣ" уҳдадориҳои Қарзгирандаро дар мавриди арзёбӣ, идоракунӣ ва мониторинги хавфҳо ва таъсироти иҷтимоӣ-экологӣ дар ҳар як марҳилаи лоиҳа, ки аз ҷониби Бонк тавассути МИЛ дастгирӣ мешавад, бо мақсади ноил шудан ба натиҷаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ таъмин менамояд, ки бо стандартҳои иҷтимоиву экологӣ созгоранд (СИЭ).
- Стандарти №2 «Ҳайати корӣ ва шароити корӣ» ба зарурати баланд бардоштани сатҳи шуғл ва ташаккули даромад барои коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ асос ёфтааст. Қарзгирандагон метавонанд дар беҳбуди муносибатҳои солим байни кормандон ва роҳбарият ва тавсеаи афзалиятҳои рушди лоиҳа тавассути таъмини шароити муносибати одилона ба кормандони лоиҳа ва инчунин шароити бехатар ва солими кор мусоидат намоянд.
- Дар Стандарти №3 "Истифодаи оқилонаи захираҳо, пешгирии ифлосшавии муҳити зист" ин далел эътироф мегардад, ки фаъолияти афзояндаи иқтисодӣ ва шаҳрнишинӣ бештар сарчашмаҳои сатҳи афзояндаи олудашавии ҳаво, об ва замин мебошанд. Ин Стандарт талабот ба истифодаи оқилонаи захираҳо, пешгирӣ ва идоракунии ифлосшавии муҳити зист дар тамоми давраи мавҷудияти лоиҳаро муқаррар менамояд.
- Стандарти №4 Ҳифзи тандурустӣ ва таъмини бехатарии аҳолӣ хавфи саломатӣ ва бехатарии аҳолии аз лоиҳа осебдида ва масъулияти дахлдори Қарзгирандагонро дар рафъ ё кам кардани хавфу таъсирҳо, хусусан барои аҳолии осебпазир бинобар ҳолатҳои махсус, ба назар мегирад. Стандарти №4 замимаеро дар бар мегирад, ки дар он тартиботи таъмини бехатарии сарбанд муайян гардидааст.

- Стандарти № 10 "Ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор ва ифшои иттилоот" аҳаммияти ҳамкории ошкоро ва шаффоф байни Қарзгиранда ва тарафҳои манфиатдорро дар лоиҳа ҳамчун унсури муҳимми таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ ба назар мегирад. Ҳамкории самарабахш бо ҷонибҳои манфиатдор метавонад ба баланд бардоштани устувории иҷтимоию экологии лоиҳаҳо, дарки мусбии онҳо ва саҳмгузорӣ дар таҳия ва татбиқи бомуваффақияти лоиҳа мусоидат намояд.

Стандартҳои зерин ба лоиҳа татбиқ намегарданд:

- Стандарти №5 *"Ба даст овардани замин, маҳдудияти ҳуқуқи истифодаи замин ва кӯчонидани маҷбурӣ"*: ҳеч гуна кӯчонидани ҷисмонӣ ё иқтисодии ба Лоиҳа алоқаманд пешбинӣ намешавад, зеро зарурати васеъ кардани заминҳое, ки барои пул ва равишҳои он берун аз минтақаи мавҷудаи хизматрасонӣ лозиманд, вуҷуд надорад.
- Стандарти №6 Нигоҳдории гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиии зинда эътироф менамояд, ки ҳифз ва нигоҳдории гуногунии биологӣ, инчунин идоракунии устувори захираҳои табиии зинда барои рушди устувор аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Ҳамчунин аҳаммияти нигоҳ доштани вазифаҳои асосии муҳити зист, аз ҷумла ҷангалҳо ва гуногунии биологии онҳо эътироф карда мешаванд. Стандарти 6 инчунин масъалаҳои марбут ба идоракунии мутавозини истеҳсолоти аввалия ва ҷамъоварии захираҳои табиии зиндаро баррасӣ намуда, зарурати баҳисобгирии манбаъҳои мавҷудияти тарафҳои осебдидаи лоиҳа, аз ҷумла мардуми маҳаллиро, ки барои онҳо дастрасӣ ва истифодаи захираҳои табиии зинда метавонад аз лоиҳа таъсир ёбад, эътироф мекунад.
- Стандарти №7 *"Мардуми бумӣ/ҷамоаҳои анъанавии маҳаллии таърихан ҳифзнашудаи кишварҳои Африқо дар ҷанубӣ Сахара"* татбиқ намегардад, зеро дар минтақаи таъсири Лоиҳа ҳеч ҷамоае вуҷуд надорад, ки ба меъёрҳои Бонки ҷаҳонӣ барои мардуми бумӣ ҷавобгӯ бошад.
- Стандарти №8 *"Мероси фарҳангӣ"*: ҳифзи мероси фарҳангии моддӣ ва ғайримоддӣ. Тавре дар СИЭ-и №5 мавҷуд аст, ҳеч гуна вайроншавии заминҳои ҳанӯз осебнадида дар рафти сохтмон ё дар ҷараёни истифода, берун аз ҳузури мавҷуда ба назар намерасад, бинобар ин, ягон мероси фарҳангӣ аз ҷониби Лоиҳа осеб намебинад.
- Стандарти №9 *"Миёнаравони молиявӣ"* татбиқ намегардад, зеро маблағгузории Бонк ба ташкилотҳои молиявӣ барои бозқарздиҳии минбаъда дода намешавад.

Дар ҷадвали №3 дар бораи номутобиқатии калидӣ байни стандартҳои экологиву иҷтимоии Бонки ҷаҳонӣ ва талаботҳои муқоисашавандаи меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти озод оварда шудааст. Тавре аллакай қайд карда шуд, ба Лоиҳа он талаботе татбиқ карда мешаванд, ки ҳангоми муқоиса ба сифати талаботи сахтгиронатар муайян карда шудаанд.

3.3.2 Сиёсати амалиётии Бонки ҷаҳонӣ оид ба чораҳои ҳифз нисбати лоиҳаҳои роҳҳои обии байналмилалӣ (СА 7.50)

Илова бар Асосҳои сиёсати экологиву иҷтимоии Бонки ҷаҳонӣ, Сиёсати амалиётии 7.50 нисбати лоиҳаҳои роҳҳои обии байналмилалие татбиқ мегардад, ки дарёҳо ё шохобҳои муайянкунандаи сарҳади байни кишварҳоро дар бар мегирад. Сиёсат огоҳсозии ҳамаи кишварҳоро дар бораи ҷузъиёти лоиҳа талаб мекунад. Дарёи Вахш роҳи обии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, зеро он шохоби рӯди Амударё мебошад, ки аз Туркманистон ва Ӯзбекистон ҷорӣ шуда, сарҳади

Афғонистонро ташкил медиҳад. Бонки ҷаҳонӣ дар давоми Марҳилаи I ин кишварҳои наздисоҳилиро хабардор намуда, бори дигар баҳори соли 2020 онҳоро дар бораи Марҳилаи II огоҳ хоҳад кард.

3.3.3 Дастурамали Бонки ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, тандурустӣ ва меҳнат

Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ як қатор Дастурамалҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, тандурустӣ ва меҳнатро нашр намуд (Дастурамал оид ба ҲМЗТМ). Яке аз онҳо нисбати ин лоиҳа қобили истифода аст: Дастурамали умумии ҲМЗТМ (аз 30 апрели соли 2007), ки принсипҳои роҳнамо оид ба назорати экологиро дар рафти сохтмон, аз ҷумла таҷрибаҳои пешқадам ва стандартҳои партов ба ҳаво ва об, идораи маводҳои хатарнок, сарусадо, ифлосшавии замин ва ғ., ва беҳдошти меҳнат ва бехатарб дар ҷои корро дар бар мегирад. Ҳамчун намунаи таҷрибаи зарурии стандартҳои саноатии байналмилалӣ барои сохтмон[2] дар тарҳрезии корҳои барқарорсозии пул Меъёрҳои техникии сохтмонии умумиаврупоӣ истифода бурда мешаванд.

3.3.4 Тавсияҳои Бонки ҷаҳонӣ дар бораи таҷрибаҳои зарурӣ

Якчанд тавсияҳо дар бораи таҷрибаи пешқадами аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ нашршуда, ки барои Лоиҳа эҳтимолан қобили истифода мебошанд, аз ҷумла:

- *«Бидуни табъиз ва маъюбӣ»* (с. 2019) тавсиф мекунад, ки чӣ гуна арзёбии экологиву иҷтимоӣ ва дигар марҳилаҳои маблағгузории Бонки ҷаҳонӣ метавонанд мушкилоти алоқаманд бо табъиз ва маъюбиро муайян ва бартараф намоянд.
- *Ҳалли мушкилоти зӯроварии гендерӣ дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ба корҳои азими сохтмонӣ* (с. 2018) алоқамандand, тавсияҳо дар бораи муайян кардани равишҳои ошкорсозии хавфҳои зӯроварӣ аз рӯйи аломати гендерӣ, алахусус истисмори ҷинсӣ ва таҳқиру озори ҷинсиро фаро гирифта, инчунин тавсияҳо дар бораи идоракунии беҳтари чунин хавфҳоро ироа менамоянд.
- *Масъалаҳои гендерӣ* (с. 2019) шарҳ медиҳанд, ки Асосҳои сиёсати экологиву иҷтимоии Бонки ҷаҳонӣ дар бартараф кардани холигоҳи байни мардон ва занон, духтарон ва писарон, инчунин роҳбарӣ ва овозии занонро баланд мебардорад.

Илова бар он, Бонки ҷаҳонӣ барои амалиётҳои ҷорӣ ҳамчун тадбирҳои вокуниш ба пандемияи давомдор принсипҳои роҳнамоеро таҳия намуд:

- Тадбирҳои вокуниши Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ба COVID-19 - Ёддошти машваратӣ оиди банақшагирии ҳолатҳои изтирорӣ барои амалиётҳои мавҷуда (16 марти с. 2020)
- Асосҳои Сиёсати Иҷтимоиву Экологӣ / Қайдҳои муваққатӣ оид ба тадбирҳои муҳофизатӣ: дарки COVID-19 дар лоиҳаҳои сохтмон / ҳангоми корҳои сохтмонӣ (7 апрели с. 2020)

3.4 Таснифи хавфҳои экологиву иҷтимоӣ

[2] Меъёрҳои техникии сохтмонии умумиаврупоӣ 1 EN 1991-1-1 (2002) (англисӣ): ЕВРОКОД 1: Таъсир ба сохтмонҳо. Меъёрҳои техникии сохтмонии умумиаврупоӣ силсилаи 10 стандарти аврупоиро EN 1990 - EN 1999 дар бар мегиранд, ки муносибати тарҳрезии биноҳо ва дигар корҳои сохтмониву васлкуниро таъмин менамояд. Онҳо маводи иттилоотии тавсияшуда барои мушаххасоти техникӣ дар қарордодҳои давлатӣ дар Аврупо мебошанд ва дар тамоми ҷаҳон васеъ истифода мешаванд.

Бонки ҷаҳонӣ хавфҳои алоқаманд бо ҳамаи лоиҳаҳои маблағгузорикунандаашро ба яке аз чаҳор гурӯҳбандӣ тасниф мекунад: хавфи баланд, хавфи назаррас, хавфи миёна ё хавфи кам. Ҳангоми муайянсозии таснифи дахлдори хавфҳо, Бонк масъалаҳои дахлдорро ба мисли намуд, макон, ҳассосият ва миқёси лоиҳа ба назар мегирад; хусусият ва андозаи хавф ва таъсироти эҳтимолии экологиву иҷтимоӣ; тавонмандӣ ва уҳдадориҳои Қарзгиранда (аз ҷумла ҳама гуна ташкилоти дигаре, ки ба татбиқи лоиҳа масъул аст) дар идоракунии хавфҳо ва таъсироти экологиву иҷтимоӣ мутобиқи стандартҳои мавҷудаи иҷтимоиву экологӣ.

Хавфҳои экологии марбут ба Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак ҳамчун "муҳим" тасниф карда шуданд. Таъсироти манфии эҳтимолӣ дар марҳилаи 62-ҳафтаинаи сохтмон рух медиҳанд ва тавассути чораҳои дахлдори нармсозии таъсир метавон онҳоро пешгирӣ ё назорат кард. Корҳо дар соҳили дарё ва худи пул анҷом дода мешаванд, вале дар минтақаҳои нигоҳдорӣ ва омодагӣ дар наздикӣ камтар фаъолият анҷом дода мешавад. Ба хавфҳои асосӣ, аз ҷумла кор дар баландӣ ва болои об, кор бо техникаи вазнин, таъсири асбест ва дигар маводҳову партовҳои хатарнок (сӯзишворӣ, ранг ва ғайра) ва таъсири садои баланд коргарони Лоиҳа дучор меоянд. Агар маводҳо дуруст нигоҳдорӣ ва коркард нашаванд, хавфи муайяни резиши маҳдуд вуҷуд дорад, ки ба сифати об таъсир расонида метавонад. Хавфи ягона барои аъзои ҷомеа метавонанд ба рафтуомади воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизот дар доираи Лоиҳа вобаста бошанд, вақте ки бинобар корҳои сохтмонии ҷорӣ ба пиёдагардон аз пул гузаштан иҷоза дода мешавад. Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ дар боби 9 фаъолиятҳоеро шарҳ медиҳад, ки ШХСК "Барқи Тоҷик", Мушовир оид ба идоракунии лоиҳа ва Пудратчӣ бояд барои пешгирӣ, коҳиш ё ба таври дигар нарм сохтани хавфҳо андешанд.

Ҷадвали №4. Баёни мухтасари талаботҳои Бонки ҷаҳонӣ ва норасоиҳои асосӣ бо талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Стандарти иҷтимоиву экологӣ ва фасл	*Талаботи асосӣ*	*Талаботи асосӣ / норасоиҳо дар заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Стандарти иҷтимоиву экологӣ 1: Арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо ва таъсироти иҷтимоӣ-экологӣ		
Соҳаи татбиқ	Стандартҳои иҷтимоиву экологӣ ба иншооти Алоқаманд (вобаста) то он дараҷа татбиқ карда мешаванд, ки Қарзгиранда назорат менамояд / таъсир мерасонад (дар айни замон ҳеч иншооти алоқаманд маълум нест).	Иншооти ба ҳам алоқаманд (ҳамҷавор) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи зайл фаро гирифта намешаванд, ба шарте ки тамоми фаъолият дар Тоҷикистон ба қонунҳои дахлдор тобеъ бошад
Сохтори соҳавии Қарзгиранда оид ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ	Сохтори соҳавии Қарзгирандаро истифода бурдан мумкин аст, агар чунин сохтор бо мақсадҳо ва вазифаҳои Стандартҳои иҷтимоиву экологӣ мувофиқ бошад. Ин ҳолате нест, ки истифодаи талаботи Бонки ҷаҳониро талаб мекунад.	Муқаррароте дар бораи талаботи алтернативӣ вуҷуд надорад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ҳангоми мавҷудияти созишномаҳо стандартҳои байналмилалӣ қувваи бартар доранд
А. Арзёбии ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ	- Гузаронидани арзёбии ҷанбаҳои иҷтимоиву экологӣ, аз ҷумла дар ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор - Ҷалби коршиносони байналмилалӣ барои лоиҳаҳои дорои хавфи баланд; - Татбиқи муқаррароти сохтори соҳавии миллӣ, Стандартҳои иҷтимоиву экологӣ, Дастурамали МЗТМ / Таҷрибаи пешқадами ҷаҳонии саноат - Истифодаи иерархияи чораҳои нармсозӣ - Ислоҳи таъсироти назарраси боқимонда - Чораҳои фарққунанда барои одамони осебпазир ё камбизоат - Баррасии дастраскунандагони асосӣ - Арзёбии таъсироти маҷмӯӣ	- Қонун дар бораи Арзёбии таъсироти экологиву иҷтимоӣ ба шароиту таъсироти иҷтимоӣ камтар таваҷҷуҳ менамояд, аммо қонунҳои дигар норасоиҳоро қисман пур мекунанд, вале бо таъсироти камтар ба ҷомеа - Дар байни коршиносони байналмилалӣ ва коршиносони Тоҷикистон ҳеҷ тафовуте вуҷуд надорад - Пайванде ба Дастурамал оид ба МЗТМ ё Таҷрибаҳои пешқадами байналмилалии саноат вуҷуд надорад - Муқаррароти баробаре барои иншооти ёрирасон вуҷуд надорад - Муқаррароти баробаре барои одамони осебпазир ва камбизоат мавҷуд нест - Бидуни фарогирии таъминкунандагони бузург - Бидуни талабот барои арзёбии таъсирҳои маҷмӯӣ
В. АСИИ	АСИИ талаботи мушаххасро дар бар мегирад, ки бояд бо мурури замон иҷро гарданд ва ҳангоми тағйир додани шартҳо ва хавфҳо метавонанд ва бояд ҳангоми амалисозӣ нав карда шаванд.	Дар иҷозатномаҳо / литсензияҳо барои риояи саривақтӣ ё талаботҳои нав ҳеҷ муқаррароте вуҷуд надорад
С. Мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ дар доираи Лоиҳа	- Мониторинг бо хусусияти лоиҳа, хавфҳо ва таъсирот ва талаботи мутобиқат - Ҳисоботҳо ба Бонки ҷаҳонӣ	Мониторинг талаб карда мешавад, аммо бо таваҷҷуҳи камтар

Стандарти иҷтимоиву экологӣ ва фасл	*Талаботи асосӣ*	*Талаботи асосӣ / норасоиҳо дар заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
D. Ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор ва ифшои иттилоот	Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар ҷараёни давраи лоиҳа	Дар умум мутобиқат мекунад, аммо нақшаи мушаххаси ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдорро дар назар надорад
Стандарти экологиву иҷтимоӣ 2: Ҳайат ва шароити меҳнат;		
Соҳаи татбиқ	Стандарти иҷтимоиву экологии 2 ба кормандони кирокардаи ШХСК Барқи Тоҷик, ки дар ин лоиҳа кор мекунанд, инчунин кормандони шартномавӣ, кормандони кумаки аввалия ва кормандони ҷомеа низ татбиқ мешавад.	- Кодекси меҳнат ба ҳамаи кормандон дар Тоҷикистон, аз ҷумла ба коргарони хориҷӣ дахл дорад. - Баъзе талабот ба корфармо дахл дорад, аммо ба пудратчии генералӣ татбиқ намешавад.
A. Шароити меҳнат ва идоракунии муносибатҳои меҳнат	- Тартиботи хаттии идоракунии муносибатҳои меҳнат - Шароити қабул ба кор - Пешгирии табъиз ва фароҳамсозии имкониятҳои баробар - Иттифоқҳои касаба	Дар умум мутобиқ аст
B. Ҳифзи қувваи корӣ	- Манъи меҳнати кӯдакон - Манъи меҳнати маҷбурӣ	- Синни минималии қабул ба кор 14 сол аст, бо маҳдудиятҳои дигар тибқи муқаррароти СБМ, аммо ба кор қабул кардани шахсони синни то 18-сола манъ аст, агар кор қобилияти "расонидани зарар ба саломатӣ ва зарари маънавӣ дошта бошад" - Меҳнати маҷбурӣ манъ аст
C. Механизми баррасии шикоятҳо	- Бояд механизми ироа ва баррасии шикоят пешбинӣ шуда бошад - Ҳамаи кормандони штатӣ ва шартномавӣ	Талаботи махсусе ба механизми баррасии шикоятҳо барои кормандон вуҷуд надорад
D. Ҳифзи меҳнат ва бехатарии меҳнат	Дар Лоиҳа чораҳои вобаста ба ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ истифода мешаванд: - Дастурҳои умумӣ ва соҳавии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ оид ба МЗТМ татбиқ карда мешаванд - Талабот оид ба ҳифзи кормандон, омӯзиши кормандон, ҳуҷҷатгузории ҳодисаҳо, омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, ҳалли мушкилот - Таъмини муҳити кории бехатар	- Дар умум мувофиқ аст, аммо муфассал нест

Стандарти иҷтимоиву экологӣ ва фасл	*Талаботи асосӣ*	*Талаботи асосӣ / норасоиҳо дар заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
	- Ба коргарон иҷозат дода мешавад, ки дар бораи мушкилоти бехатарӣ гузориш диҳанд ва дар ҳолатҳои муайян аз кор саркашӣ кунанд - Таъмини иншооти муносиб (ошхона, ҳоҷатхона ва ғайра) ва кафолати он, ки чунин иншоот ба ниёзҳои коргарон мувофиқанд. - Ҳамаи корфармоён бояд дар татбиқи талаботи ҳифзи меҳнат ҳамкорӣ кунанд - Мониторинги риояи қоидаҳо дар соҳаи ҳифзи меҳнат ва бехатарии меҳнат	
E. Коргарони шартномавӣ (Stucky Ltd., пудратчиён, зерпудратчиён)	- Кӯшишҳои оқилона барои санҷидани он, ки пудратчиён тартиботи идоракунии захираҳои инсониро ҷиҳати риояи талаботҳои СИЭ-и №2 (ба истиснои он тартиботе, ки ба кормандони маҳаллӣ ва кормандони таъминоти аввалия дахл доранд) амалӣ менамоянд - Тартибот барои идоракунӣ ва мониторинги истеҳсолнокӣ - Дастрасӣ ба механизми баррасии шикоятҳо	Талаботи бехатарӣ ба ҳамаи корфармоён, аз ҷумла пудратчиён, дахл доранд, аммо ширкати сохтмонӣ барои санҷиши мутобиқат уҳдадор нест.
F. Коргарони маҳаллӣ (дар ин ҷо мувофиқ нестанд)	Талабот нисбати шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат ва БМ, ки дар меҳнати иҷтимоӣ истифода мешаванд	Кодекси меҳнат ба корфармоён ва коргарон дахл дорад, на ба ихтиёриён / волонтёрон
G. Коргарони таъминоти аввалия	Вобаста ба сатҳи назорат / таъсири ШХСК Бархи Тоҷик / Пудратчӣ, баҳодиҳии хавфи меҳнати кӯдакон, масъалаҳои меҳнати маҷбурӣ ва бехатарӣ ва салоҳияти аз молрасон талаб кардани рафъи хавфҳои назаррас	- Қонунгузории Тоҷикистон дар сурати роҳандозии кор дар Тоҷикистон амал мекунад - Бидуни уҳдадорӣ назди корфармоён дар кишварҳои дигар - Ба пудратчии генералӣ талабот вуҷуд надорад

Стандарти иҷтимоиву экологӣ ва фасл	*Талаботи асосӣ*	*Талаботи асосӣ / норасоиҳо дар заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Стандарти экологиву иҷтимоӣ 3: Истифодаи самараноки захираҳо ва пешгирии ифлосшавии муҳити зист		
Самаранокии истифодаи захираҳо		
Соҳаи татбиқ	Қарзгирандагон бояд тадбирҳои имконпазирро барои истифодаи самарабахши захираҳо ва пешгирии ифлосшавӣ мутобиқи иерархияи чораҳои нармсозӣ андешанд	Баъзе талаботҳо
A. Истифодаи нерӯ	Чораандешӣ тибқи дастурамали МЗТМ, агар дар доираи Лоиҳа истеъмоли назарраси нерӯ пешбинӣ шуда бошад	Ҳеч гуна маҳдудияти назаррас вуҷуд надорад. Бидуни истеъмоли назаррази неру.
B. Истифодаи об	Арзёбии истифодаи об ва таъсирот ва ҷамоаҳо, ва то ҳадди зарурӣ андешидани тадбирҳои нармсозӣ	Иҷозатҳои лозима барои истифодаи об
C. Истифодаи ашёи хом	Истифодаи Таҷрибаи пешқадами байналмилалии саноатӣ барои коҳиши назарраси истифодаи захираҳо	Истифодаи захираҳо иҷозат талаб менамояд
Пешгирии ифлосшавӣ ва идораи равандҳое, ки ба ифлосшавӣ оварда мерасонанд		
Талаботҳои асосӣ	- Партовҳои моддаҳои ифлоскунандаро пешгирӣ, кам ва назорат кунед, стандартҳои сахтгиронатари дастурҳо МЗТМ ва қонунгузории миллиро татбиқ кунед - Талаботи таърихӣ барои ифлосшавӣ ва пешгирии таназзул	Талаботҳои миқдории махсус
A. Идораи ифлосшавии ҳаво	Арзёбии партовҳои эҳтимолӣ ба ҳаво ва ҷорӣ кардани гунаҳои аз ҷиҳати техникӣ ва молиявӣ имконпазир ва аз ҷиҳати экологӣ самараноки коҳиши партовҳо талаб карда мешавад.	Ҳудуди партовҳо. Лоиҳа танҳо партовҳои ночизро ба вуҷуд меорад.
B. Идоракунии партовҳои хатарноку бехатар	- Истифодаи иерархияи чораҳои нармсозӣ дар идоракунии партовҳо - Конвенсияҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба идоракунӣ ва таҳвили партовҳои хатарнок	- Талаботҳои муфассал барои партовҳои хатарнок ва дигар партовҳо - Ба имзо расонидани конвенсияҳои байналмилалӣ - Барои назарпурсии ширкатҳои ҳамлу нақл / пудратчиён талабот вуҷуд надорад

Стандарти иҷтимоиву экологӣ ва фасл	*Талаботи асосӣ*	*Талаботи асосӣ / норасоиҳо дар заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
	- Мутмаин бошед, ки пудратчиёни идоракунии партовҳои хатарнок дорои иҷозатнома ва ҷойгоҳҳои партов бошанд ва ин гуна пудратчиён мувофиқи стандартҳо фаъолият намоянд	
C. Идоракунии моддаҳои кимиёӣ ва маводҳои хатарнок	- Коҳиши ҳадди аққали истифодаи маводҳои хатарнок - Худдорӣ аз истифодаи маводҳои дар сатҳи байналмилалӣ назоратшаванда	- Оинномаҳо нисбати маводҳои хатарнок - Тоҷикистон тарафи як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ мебошад
D. Идоракунии пестисидҳо	Талаботи истифодаи пестисидҳо: дар ин лоиҳа татбиқ карда намешавад	Истифода намешавад
Стандарти иҷтимоиву экологӣ 4: Таъмини бехатарӣ ва саломатии аҳолӣ		
Тандурустӣ ва бехатарии ҷомеаҳо		
A. Тандурустӣ ва бехатарии ҷомеаҳо	- Арзёбии хавфҳо барои саломатӣ ва бехатарии аҳолӣ ва истифодаи иерархияи чораҳои кам кардани таъсир ва ПМОП барои коҳиши хавфҳо - Ба инобат гирифтани хавфҳои бехатарӣ барои тарафҳои сеюм ҳангоми тарҳрезии инфрасохтор ва таҷҳизот бо назардошти минтақаҳои дорои хавфи баланд - Таъмини бехатарии хадамоти ба аҳолӣ пешниҳодшаванда - Муайянсозии хавфҳои роҳ / нақлиёт, арзёбии хавфҳо дар мавриди зарурӣ, баррасии масоили бехатарӣ ҳангоми қабули қарор нисбати мошинсаро, чораандешӣ барои муҳофизати аҳолӣ - Вобаста ба ҳолат, баҳо додан ва пешгирӣ кардани таъсирҳо ба хизматрасонӣ ва танзими хадамоти экосистема - Пешгирӣ ё то сатҳи поёнтарин коҳиш додани тавонмандии интиқоли бемориҳо (аз он ҷумла ВНМО/ БПНМ ва бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда), аз ҷумла бо сабаби ворид шудани қувваи корӣ	Талаботи умумӣ барои нармсозии хавфҳо, барои хидматрасонӣ, хадамоти экосистема, ҳолатҳои фавқулодда ва ғайра талаботҳои махсус вуҷуд надоранд.

Стандарти иҷтимоиву экологӣ ва фасл	*Талаботи асосӣ*	*Талаботи асосӣ / норасоиҳо дар заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
	- Баррасӣ ва таъмин намудани ҳимояи зарурӣ барои гурӯҳҳои осебпазир - Рафъи хавфҳо барои ҷомеа ҳангоми идораи маводҳои хатарнок - Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва вокуниш ба онҳо, баррасӣ дар АТМЗ, таҳияи нақшаҳои вокуниш	
В. Кормандони хадамоти бехатарӣ (нигаҳбонон)	- Арзёбӣ ва рафъи хавфҳои марбут ба чораҳои бехатарӣ - Татбиқи принсипҳои мутаносибӣ, ПМОП ва қонун - Мутмаин бошед, ки коргарони шартномавӣ ба сӯиистифодаҳои қаблӣ ҷалб карда нашудаанд ва Кодекси рафторро имзо кардаанд ва инчунин мутобиқи онҳо омӯзонида шудаанд - Ҳодисаҳои ғайриқонуниро таҳқиқ намуда, аз амалҳои ғайриқонунӣ ба мақомот хабар додан	Ҳеч гуна талаботи махсус вуҷуд надорад
Замимаи 1. Бехатарии сарбандҳо	- Лоиҳакашӣ ва сохтмони сарбандҳои нав таҳти назорати мутахассисони соҳибтаҷриба - Чораҳои бехатарии сарбанд, ки ҳангоми тарҳрезӣ, тендер, сохтмон, истифодабарӣ ва хидматрасонӣ қабул ва иҷро карда мешаванд - Чораҳои бехатарӣ, ки аз ҷониби муҳандисони соҳибтахассус барои қабул тибқи ПМОП таҳия шудаанд (банди 5) - Тасдиқи набудани хавф ё мавҷудияти ночизи он барои ҷомеаҳо вобаста ба рахна шудани сарбанд (дар иқтибоси 123)	Талаботҳои баробар вуҷуд надорад
Стандарти иҷтимоиву экологӣ 5: Канда бурдани замин, маҳдудияти истифодаи замин ва кӯчонидани иҷборӣ		
Барои Лоиҳаи мазкур мубрам нест		
Стандарти №6: Нигаҳдории гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои зиндаи табиӣ		
Барои Лоиҳаи мазкур мубрам нест		
Стандарти иҷтимоиву экологӣ 7: Мардуми бумӣ/ҷамоаҳои анъанавии маҳаллии таърихан ҳифзнашудаи кишварҳои Африқо дар ҷанубӣ Сахара		

Стандарти иҷтимоиву экологӣ ва фасл	*Талаботи асосӣ*	*Талаботи асосӣ / норасоиҳо дар заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Барои Лоиҳаи мазкур мубрам нест		
Стандарти иҷтимоиву экологӣ 8: Мероси фарҳангӣ		
Барои Лоиҳаи мазкур мубрам нест		
Стандарти иҷтимоиву экологӣ 9: Миёнаравони молиявӣ		
Барои Лоиҳаи мазкур мубрам нест		
Стандарти иҷтимоиву экологӣ 10: Ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор ва ифшои иттилоот		
C. Талаботҳо	- Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар тамоми давраи амалисозии лоиҳа, муайянсозии ин ки онҳо мехоҳанд чӣ гуна ҷалб шаванд - Пешниҳоди иттилоот ба ҷонибҳои манфиатдор - Пешбурди ҳуҷҷатнигории равандҳои амалҳои якҷоя	Дар умум мувофиқ аст, аммо муфассал нест
D. Ҷалб шудан дар кори омодагӣ ба Лоиҳа	- Муайянсозӣ ва таҳлили ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла гурӯҳҳои камбизоат ё осебпазир - Нақшаи ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор (НҲҶМ) бо талаботҳои муфассал дар бораи ифшои иттилоот, муҳлати баргузории машваратҳо, чораҳо барои гурӯҳҳои камбизоат ё осебпазир ва ғайра талаб карда мешавад - Ошкорсозии иттилоот дар марҳилаи аввал ҷиҳати баргузории машварат оид ба тарроҳӣ - Машваратҳо ҷиҳати таъмини иртиботи дуҷониба дар тамоми давраи татбиқи лоиҳа	- Ба таҳлили ҷонибҳои манфиатдор зарурате нест - Нақшаи расмӣ талаб карда намешавад - Иттилооти саривақтӣ зарур аст
E. Иштирок дар ҷараёни татбиқи лоиҳа ва таҳияи ҳисоботи беруна	Ҷалб ва ошкорсозии иттилоот дар тамоми давраи амалисозӣ тибқи Нақша	Барои идомаи ҳамкориҳо ҳеч талаботи мушаххасе вуҷуд надорад
F. Механизми баррасии шикоятҳо	- Таҳия ва ҷорисозии механизми босуръат, самаранок, фарҳангӣ ва оқилонаи баррасии шикоятҳо - Барои воситаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ ҳеҷ гуна маҳдудияте вуҷуд надорад	Қонуни Тоҷикистон роҳҳои арзу шикоят, дархост ва апеллятсияро пешниҳод менамояд

Стандарти иҷтимоиву экологӣ ва фасл	*Талаботи асосӣ*	*Талаботи асосӣ / норасоиҳо дар заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон*
G. Тавонмандии ташкилӣ ва тааҳҳуд	Муайянсозии нақшҳо ва уҳдадориҳо, муайянсозии ҳайат барои амалисозии фаъолиятҳо дар ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор	Барои тақсими нақшу уҳдадориҳо ҳеч талаботи мушаххасе вуҷуд надорад
Замимаи 1: Механизми баррасии шикоятҳо	Гунаҳо барои идоракунии МБШ: усулҳои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, рӯзнома, расмиёти эълоншуда, раванди шикоят, миёнаравӣ	


4 ШАРОИТИ ЭКОЛОГИВУ ИҶТИМОЙ

4.1 Топография, растаниҳо ва хок

Пул соҳили чапи дарёи Вахшро бо соҳили рост мепайвандад, ки шаҳри Норак дар фосилаи чанд километр поёнтар аз пул ҷойгир аст. Паҳнои водии дарёи Вахш дар ин минтақа аз 700 то зиёда аз 1100 метрро ташкил медиҳад (Тасвири №8). Барои истифодаи замин дар соҳили рост мавҷудияти хобгоҳ ва биноҳои партофташуда, боғҳои хусусӣ, заминҳои кишоварзӣ, боғҳои сабзавот ва инчунин иншооти инфрасохтори шаҳри Норак хос мебошад.

Баландии дарёбоди тарафи рост (шимол) аз 645 то 750 метр аз сатҳи баҳрро ташкил медиҳад. Тавре дар Тасвири №8 нишон дода шудааст, дарёбоди соҳили чапи дарё (ҷануб) нисбат ба соҳили рост (шимол) тангтар буда, дар баландии 640 то 680 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Сарҳадҳои дарёбоди ҳар ду тарафи дарё бо қаторкӯҳҳои ҷудошуда иҳота шудаанд. Тавре дар Тасвирҳои №9 ва №10 нишон дода шудааст, дар теппаҳои соҳили рост гиёҳе нест, дар ҳоле ки дар қисмати чапи он теппа қисман дарахту буттаҳо (чормағз, чинор ва сафедор) шинонда шудааст.

Ба хокҳои дарёбоди дарёи Вахш хокҳои лою гилдор хос мебошанд, ки барои парвариши мева ва сабзавот васеъ истифода бурда мешаванд.



Тасвири №8. Топография ва истифодаи замин дар атрофи майдони лоиҳа



Тасвири №9. Намои соҳили чапи дарёи Вахш (ба раҳҳои сабзи дорои растаниҳо диққат диҳед)



Тасвири №0. Намои соҳили рости дарёи Вахш (ба раҳҳои андак сабзи дорои аҳён растаниҳо диққат диҳед)

4.2 Биоразнообразие и среда обитания

Набототи дарёбоди дарёи Вахш ва минтақаҳои наздисоҳилӣ асосан аз ҷангалҳои туғайзор (сафедорҳои биёбониву дарахтони зайтун ва буттаҳо) ва найҳои азим, найшакарҳо ва дигар намудҳо иборат мебошанд, ки барои гуногунии биологии маҳаллӣ махсусан муҳиманд. Дар минтақаҳои дарёбод ду намуди амфибияҳо ва якчанд намуди хазандагон мавҷуданд. Иттиҳодияи байналмилалии ҳифзи табиат (ИБҲТ) мори левантиро (гурза) ба гурӯҳи намудҳои аз байн рафтаистода марбут медонад. Дар минтақаи дарёбод нӯҳ намуди ҳайвоноти ширхӯр муайян карда шудааст. Lutra seistanica (сагобии авруосиёӣ) яке аз намудҳои асосии муҳити зисти дарёбодҳо буда, ба гурӯҳи намудҳои таҳти хатари нобудшавӣ қарордошта дохил мешавад (ИБҲТ). Дар маҷмӯъ, дар минтақаҳои дарёбод 44 намуд парандагон дарёфт шуданд ва 26-тои онҳо дар нишебиҳои кӯҳҳои наздикии дарёбод лона мекунанд. Ҳаждаҳ намуд паранда асосан парандаҳои шиноӣ (мурғобӣ, қӯ, моҳихори хурд, моҳихори хокистарӣ ва ғ.) мебошанд, ки ҳамчун намудҳои дар баҳор ё тирамоҳ ҳиҷраткунанда ба ҳисоб мераванд.

Олами моҳиҳои дарёи Вахш дар поёноби НБО-и Норак аз ширмоҳии муқаррарӣ, лаққамоҳии туркистонӣ, гулмоҳии амударёӣ, гулмоҳии рангинкамон, гулмоҳии қаҳваранг, голеси сангии тибеть, голеси пӯпакдор ва карп иборат аст. Сокинони Норак барои эҳтиёҷоти худ моҳидорӣ мекунанд, аммо моҳидории калонҳаҷм ё тиҷорӣ дар ин минтақа мушоҳида карда намешавад.

Муҳити зисти соҳилӣ, ки дар он пул ҷойгир аст, бо сохтмон дар гузашта ва дигар намудҳои фаъолиятҳои антропогенӣ бакуллӣ тағйир ёфтааст ва дарё пурра таҳти назорати НБО қарор дорад. На сокинон, на НБО гуногунии муҳими биологиро нигоҳ намедоранд ва мавҷудияти ҳеч як аз намудҳо, ки боиси нигаронӣ бошад, дар минтақаи шаҳрии атрофи пул ва дарё эҳтимоли кам дорад.

4.3 Обҳои рӯизаминӣ

Дарёи Вахш ба ҳисоби миёна тақрибан 25 фоизи ҷараёни солонаи дарёи Амударё ва тақрибан 40 фоизи ҷараёни дарёи Панҷро таъмин мекунад. Шакли ҷоришавии дарёи Вахш бо серобӣ дар тобистон, аз сабаби обшавии барфу пиряхҳо дар кӯҳҳо ва камобӣ дар зимистон хислати мавсимӣ дорад, зеро қисми бештари боришот дар ҳавзаи об дар шакли барф мерезад. Ин то ҳадде ба имкониятҳои обанбори Норак ҷиҳати захираи об дар тобистон ва истифодаи он барои тавлиди

нерӯи барқ дар зимистон сабукӣ меорад. Сарфи миёнасолонаи дарёи Вахш тақрибан 640 м3 / с-ро ташкил медиҳад. Обпартоиҳои мавсимӣ тибқи созишномаҳои байни Тоҷикистон ва дигар кишварҳои наздисоҳилӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Кӯл, ки маҷрои партофташудаи дарёро ташкил медиҳад ва дар гузашта аз дарё ҷудо шудааст, дар масофаи 200-250 метр аз самти ҷанубу ғарби пул ҷойгир аст (Тасвири №8). Масоҳати умумии маҷрои кӯл тақрибан 60 гектарро ташкил медиҳад.

Оби обанбори болооби Норак ба сифати оби дарёи Вахш, ки дар поёноби НБО-и Норак ҷорист, таъсир мерасонад. Обанборҳои бузургу амиқ дар иқлими муътадил, ба монанди обанбори НБО-и Норак одатан дар тобистон, вақте ки ҳарорати обҳои рӯизаминӣ нисбат ба обҳои зери сатҳи обанбор ба таври назаррас зиёд аст, стратификатсияи гармиро нишон медиҳанд. Ин стратификатсияи ҳароратӣ ва обгир барои турбинаҳо дар қабатҳои амиқтар (сардтар) метавонанд ба воридшавии обҳои хеле сарде ба дарё дар поёноби нерӯгоҳ оварда расонанд. Ғайр аз ин, дар қабатҳои амиқтари обанбор миқдори ками биомасса ва гардиши камшудаи оксиген ба шароити беоксигенӣ оварда мерасонанд, ки метавонанд ба сифати оби дар поёноб равонбуда таъсир расонанд.

Об дар дарё дорои миқдори зиёди консентратсияи боришоти карбонатӣ аст ([HCO3-] = 105 мг / л); консентратсияи сулфатҳо аз ҳисоби обҳои рӯизаминӣ мунтазам аз меъёр зиёданд ва консентратсияи хлор хеле баланд аст, ки дар маҷмӯъ оби каме хашмгинро нишон медиҳад. Дар кулл, сифати об дар дарёи Вахш хуб ҳисобида мешавад ва каме таназзул ёфтааст, ки асосан бо шӯршавӣ вобаста аст *(таҳдиди НБО-и Норак, АТМЗИ, 2017)*.

4.4 Шароити иҷтимоӣ

Пул дар шаҳри Норак, вилояти Хатлон ҷойгир аст. Шаҳр дар баландии 885 метр аз сатҳи баҳр ва 70 километрии ҷанубу шарқи Душанбе, пойтахти Тоҷикистон ҷойгир аст. Шумораи аҳолӣ, тибқи арзёбиҳо, соли 2015 тақрибан 28,500 нафарро ташкил медод. Шаҳр соли 1960 барои сохтмони маҷмааи гидроэнергетикӣ таъсис ёфтааст.


Ҳукумати маҳаллӣ аз раиси шаҳр ва якчанд раёсатҳо, аз ҷумла Раёсати рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, Раёсати ташкилот ва меҳнат ва Сарраёсати тандурустӣ иборат аст, ки хидмат мерасонанд. Ду пойгоҳи зидди сӯхтор вуҷуд дорад, яке барои шаҳр, дигаре барои НБО. Дар шаҳр инчунин пойгоҳи низомии Русия ва пойгоҳи низомии Тоҷикистон ҷой дорад.

Расман сатҳи саводнокӣ дар кишвар 100 фоизро ташкил медиҳад ва дар Норак чунин муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавҷуданд:

- 11 боғчаи бачагона, кӯдакистон барои кӯдакони то 7-сола
- 4 мактаби ибтидоӣ
- 17 мактаби миёна барои кӯдакони аз 8 то 10-сола
- 1 гимназия барои кӯдакони аз 11 то 16-сола
- 1 литсей
- 1 омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ

Инчунин дар шаҳр беморхона ва маркази шаҳрии саломатӣ, якчанд марказҳои саломатӣ дар деҳот ва дигар муассисаҳои тиббӣ, аз ҷумла муассисаҳои ба бемориҳои бачагона ва сил нигаронидашуда мавҷуд мебошанд.

Сохтори аҳолии шаҳр тақрибан бо сохтори барои кишвар хос аст, мувофиқат мекунад, ки дар Тасвири №11 нишон дода шудааст.



Тасвири № 11. Аҳолии Тоҷикистон аз рӯи синну сол ва ҷинс (маълумоти барӯйхатгирии аҳолӣ дар солҳои 2000 ва 2010)

Аксарияти аҳолии шаҳри Норак мувофиқи идоракунии дунявии кишвар ба исломи "муътадил" пайравӣ мекунанд. Қисми боқимондаи аҳолӣ, тақрибан 10% православҳо мебошанд. Ҷойҳои ибодат ин тақсимотро инъикос мекунанд, ки ягона калисои православӣ ва ҳама дигар ҷойҳои ибодат масҷидҳо мебошанд.

Ба ғайр аз НБО-и Норак, саноат аз корхонаи масолеҳи оҳану бетонӣ ва корхонаи нассоҷӣ иборат аст. Ғайр аз ин, бозорҳои маҳаллӣ, бозори марказӣ, якчанд кӯчаҳои тиҷоратӣ (кишоварзӣ, нассоҷӣ, компютерӣ...), ҳунармандӣ (мошинхонаҳо, кандакории чӯб...) мавҷуданд ва дар минтақаҳои ҳамҷавор хоҷагиҳои кишоварзии истеъмолӣ маъмуланд. Корҳои сохтмонӣ асоси фаъолияти иқтисодиро ташкил медиҳанд. Бекории миллӣ ҳафт фоизро ташкил медиҳад, аммо бекории маҳаллӣ эҳтимолан баландтар аст (тибқи арзёбиҳои Бонки ҷаҳонӣ, бекорӣ дар соли 2013 35 фоизро ташкил медод). Бисёре аз ҷавонон ба сабаби набудани дурнамо, аксар вақт аз минтақа ба Федератсияи Россия мераванд.

Рушди сайёҳии тобистона бо истифодаи обанбор алоқаманд аст, намудҳои имконпазир ва ёрирасони фаъолият ҳамоно бо дарёи Вахш алоқаманданд. Дар шаҳр инчунин маркази фаъоли иҷтимоиву фарҳангӣ мавҷуд аст. Аммо дар шаҳр ҳамагӣ 3-4 меҳмонхона (як меҳмонхонаи нисбатан калон) ва кинотеатри корношоям мавҷуданд.

Роҳи асосӣ дар ҳолати хуб қарор дорад, ҳолати роҳҳои дуюмдараҷа миёна ё дар ҳолати дур рафтан аз маркази шаҳр - бад мебошад. Роҳ ба сӯи пул дар соҳили ҷанубӣ якчанд ҷӯйҳои вайрона мавҷуданд, ки ба роҳ таҳдид мекунанд ва метавонанд онро барои техникаи сохтмонӣ хатарнок гардонанд.

Низоми таъминоти оби нӯшокӣ мавҷуд аст, ки баъзан аз кор мемонад. Шабакаи барқӣ дар муқоиса бо дигар минтақаҳои кишвар дар ҳолати хуб қарор дорад.

Азбаски шаҳр дар соли 1960 таъсис ёфтааст, дар он ягон мероси таърихии қадимӣ мавҷуд нест, аммо бо гузашти вақт объектҳои хурди воқеии мероси фарҳангӣ пайдо шудаанд. Дар шаҳри Норак осорхона низ мавҷуд аст.

5 Хулосаи Таъсироти Эҳтимолии Экологӣ Ва Иҷтимоӣ

5.1 Таъсироти эҳтимолӣ дар вақти сохтмон

Дар муддати 62 ҳафтаи сохтмон таъсироти эҳтимолӣ ҷой хоҳанд дошт. Интизор меравад, ки таъсир ва вайрон шудани ҳолати мавҷуда дар марҳилаи сохтмон сурат мегирад. Пудратчӣ барои корҳои сохтмон пас аз ба итмом расонидани арзёбии пешниҳодҳои тендерии ШХСК «Барқи Тоҷик» барои сохтмони пул интихоб карда мешавад. Дар тендер ва қарордод қолабҳои Ҳуҷҷатҳои стандартии Бонки ҷаҳонӣ дар бораи харид, ки талаботҳои қатъии экологиву иҷтимоӣ, аз ҷумла як нусхаи ин НИМЗИ-ро дарбар мегиранд, истифода хоҳанд шуд. Тахмин меравад, ки қариб аз 100 коргар дар сохтмон, нисф ё бештар аз шаҳри Норак ва атрофҳои он, боқимонда аз Душанбе ва шумораи ками дигар аз кишварҳои дигар ба кор ҷалб мешаванд.

Дар ҷадвали №5 марҳилаҳои асосии сохтмон ва намудҳои фаъолият, инчунин таъсироте, ки метавонанд дар сурати наандешидани чораҳои дахлдори кам кардани таъсир ба амал оянд, нишон дода шудаанд.

Ҷадвали №5. Намудҳои асосии фаъолият ва таъсироти эҳтимолӣ

Намудҳои фаъолият	*Таъсироти манфии эҳтимолӣ*	*Миқёси таъсирот*	
		Бидуни чораҳои коҳиши таъсирот	*Бо чораҳои коҳиши таъсирот*
Даъват барои ироаи пешниҳодҳо ва интихоби Пудратчӣ	Огоҳии нокифоя дар бораи талаботҳои ҲМЗИТМ паёмадҳои ғайри қобили қабул ба одамон ва муҳити зистро ба бор меорад	Назаррас	Аз андак то ҷузъӣ
Ҷалби қувваи корӣ (ба кор қабул намудан)	- Норозигии коргарон, корпартоӣ - Ҷаримаҳо аз тарафи Ҳукумат	Назаррас	Аз андак то ҷузъӣ
Омодасозии майдон ва сафарбаркунии қувваи корӣ аз ҷониби Пудратчӣ	- Зарар ба замин ва амвол - Шароити хатарноки кор ва усулҳои ғайриқаноатбахши кор - Номутобиқатӣ (чанг, сарусадо) ва дигар таъсирот ба ҷомеа - Барҳам хӯрдани муносибатҳо бо ҷомеа / вайрон кардани вазъи мавҷуда ва / ё вазнинӣ ба хидматрасониҳои ҷамъиятӣ аз сабаби ворид шудани қувваи корӣ	Муътадил	Аз андак то ҷузъӣ
Ҷойгирсозии коргарон (дар ҳолати зарурӣ), ҷойгир кардани анборҳо ва биноҳо	- Ҷойгирсозии хатарнок ва / ё ғайрибеҳдоштии коргарон - Майдони аз ҳад зиёд ишғолшуда, минтақаи хуб ба назар нагирифта - Резиш ё хориҷшавии сӯзишворӣ ва маводҳои хатарнок	Муътадил	Аз андак то ҷузъӣ

Намудҳои фаъолият	*Таъсироти манфии эҳтимолӣ*	*Миқёси таъсирот*	
		Бидуни чораҳои коҳиши таъсирот	*Бо чораҳои коҳиши таъсирот*
Идораи ҳаракати нақлиёт дар иншоот / майдон	- Садамаҳо дар пул бо иштироки воситаҳои нақлия, сохтмончиён ва / ё таҷҳизот, пиёдагардҳо (аз ҷумла коргарон)	Назаррас	Аз андак то ҷузъӣ
Интиқоли мавод ва молҳо	- Хароб ё вайрон шудани воситаҳои нақлиёт - Садамаҳо дар роҳҳои истифодаи умум ва ҷои кор - Вайрон кардани вазъи мавҷудаи ҷомеа, аз ҷумла иншооти осебпазир (беморхонаҳо, мактабҳо) - Ҷароҳат ё марг дар байни ронандагон ва пиёдагардон	Назаррас	Аз андак то ҷузъӣ
Кор дар соҳили дарё, дар дарё ё дар пул болои об	- Ифлосшавии об - Зарарёбии маҷрои дарё - Зарарёбии соҳилҳои дарё - Коҳиши гуногунии биологӣ (мавҷуд набудани намудҳо ё муҳити зисти нигаронкунанда)	Муътадил	Аз андак то ҷузъӣ
Ҳама корҳои сохтмонӣ	- Усулҳои хатарноки кор - Осеб ё марг дар натиҷаи афтиш ҳангоми сохтмони пул ё афтидани тахтаҳои сохтмонӣ - Осеб ё марг дар натиҷаи фурӯпошии ҳафр - Осеб ё марг дар натиҷаи буридан, пора кардан, ғарқшавӣ, сӯхтан, таъсири маводҳои хатарнок (ранг, сӯзишворӣ) - Ифлосшавии об - Паҳншавии COVID-19 дар байни коргарон - Барҳам хӯрдани муносибатҳо бо ҷомеа / вайрон кардани вазъи мавҷуда ва / ё вазнинӣ ба хизматрасониҳои ҷамъиятӣ аз сабаби ворид шудани қувваи корӣ	Назаррас	Андак
Вақтхушӣ	- Барҳам хӯрдани муносибатҳо бо ҷомеа / вайрон кардани вазъи мавҷуда ва / ё вазнинӣ ба хизматрасониҳои ҷамъиятӣ аз сабаби ворид шудани қувваи корӣ - Паҳншавии COVID-19 дар байни коргарон	Андак	Ҷузъӣ
Сӯхтгирии мошинҳо ва таҷҳизот	- Резиш ба дарёи Вахш - Ифлосшавии хок	Андак	Ҷузъӣ

Намудҳои фаъолият	*Таъсироти манфии эҳтимолӣ*	*Миқёси таъсирот*	
		Бидуни чораҳои коҳиши таъсирот	*Бо чораҳои коҳиши таъсирот*
Истифодаи воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизот	- Ифлосшавии ҳаво - Тағйирёбии иқлим (партобҳои газҳои гармхонаӣ)	- Андак - Ҷузъӣ	Ҷузъӣ
Идораи партовҳо	Зарар ба захираҳои замин ё об (қайд: партовҳои хатарнок маҳдуданд ё дар назар нестанд, ба истиснои рангҳои токсикӣ ва ҳалкунандаҳои коркардшуда / молиданиҳо).	Андак	Ҷузъӣ
Коҳиши корҳои сохтмонию васлсозӣ	- Эрозияи қисматҳои барқарорнашудаи роҳ - Шароити хатарнок дар ҷойҳои корӣ ва маконҳои анбор / нигоҳдорӣ, қароргоҳҳо ва ғайра.	Муътадил	Ҷузъӣ

Сохтмон аз рӯи табиати худ як навъи фаъолиятест, ки бо хатар ҳамроҳ аст, алахусус вақте сохтмон дар ҳудудҳои азхудкарда, ба монанди маҳалли ҷойгиршавии пули саворагарди Норак гузаронида мешавад. Интизор меравад, ки хатари назарраси эҳтимолӣ барои коргароне хоҳад буд, ки дар корҳои сохтмонӣ ва ҳаракат дар роҳ машғуланд, хусусан агар ба мошинҳои сабукрав ва пиёдагардон истифода қисмати сохтмон иҷозаи истифода дода шуда бошад. Чунин рафтуомади воситаҳои нақлиёт танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, ки агар корҳои сохтмонӣ хатаре надошта бошанд, иҷозат дода мешавад. Аммо ба мошинҳои вазнин истифода аз пул иҷоза дода намешавад - ҳеч вақт - то анҷоми сохтмон. Бо истифода аз чораҳои дахлдори кам кардани паёмадҳо, тавре ки дар Фасли 6 шарҳ дода шудааст, ҳама таъсирот ба сатҳҳои мақбул коҳиш дода мешаванд ва бисёре аз онҳо пурра бартараф / рафъ ё пешгирӣ карда мешаванд.

5.2 Таъсироти эҳтимолӣ ҳангоми истифодабарӣ ва хидматрасонии техникӣ

Тавре қаблан қайд карда шуд, ШХСК «Барқи Тоҷик» ин пулро ба мақомоти давлатӣ, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода ва нигоҳдории пулҳо масъул аст, месупорад. Пас аз ба охир расидани сохтмон, реҷаи истифодабарӣ ва нигоҳдории муътадили пул ба муҳити зист ва ё одамон, ғайри коргарон таъсир намерасонад. Истифодаи мошин хатари муайян дорад ва ифлосшавии ҳаворо ба вуҷуд меорад. Ин аз доираи назорати Бонки ҷаҳонӣ ва ШХСК «Барқи Тоҷик» берун хоҳад буд, ба истиснои он, ки пул бояд тибқи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла рамзу аломатҳо ва дигар чораҳои бехатарӣ тарҳрезӣ ва сохта шавад.

6 НАҚШАИ ИДОРАКУНИИ МУҲИТИ ЗИСТУ ИҶТИМОӢ ВА МОНИТОРИНГ

Таъсироти экологиву иҷтимоӣ, ки метавонанд дар натиҷаи барқарорсозии пули саворагарди Норак ба амал оянд, дар Ҷадвали №4 дар боло оварда шудаанд. Тавре қайд гардид, баъзе фаъолиятҳо дар сурати зери назорат қарор нагирифтан дар марҳилаҳои барқароркунӣ ва истифодаи сарбанди НБО ба нерӯгоҳҳои табиӣ ва захираҳои иҷтимоӣ метавонанд таъсири муътадил ё ҳатто ҷиддии манфӣ дошта бошанд. Ин барои андешидани чораҳои пешэҳтиётӣ, кам ё сабук кардани паёмадҳои назарраси манфиро талаб мекунад. Барқи Тоҷик, Машваратчӣ оид ба идораи лоиҳа ва Пудратчии барои тарроҳӣ ва сохтмон интихобшуда ҷиҳати ҳамоҳангсозии риояи тартиботи зарурӣ дар тамоми марҳилаҳои харид, таҳияи лоиҳа ва сохтмон, инчунин чораҳои кам кардани паёмадҳои дар ин ҷо пешбинишуда талоши мувофиқашуда хоҳанд кард. Ғайр аз ин, тарафҳои мазкур ворид намудани ин ҷанбаҳоро ба талабот оид ба гузаронидани тендер, интихоби пудратчиён, корҳои лоиҳакашӣ ва барқарорсозии пули саворагарди Норак таъмин менамоянд.

6.1 Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ

Дар ҷадвали №5 Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ барои барқарорсозии пули саворагарди Норак нишон дода шудааст. Он чораҳоеро муайян мекунад, ки бояд барои пешгирӣ, кам кардан ё ба тариқи дигар сабук кардани таъсироти манфии муътадил ва ҷиддии дар боло зикршуда амалӣ карда шаванд. Он инчунин амалияи хуби идоракунӣ ва дигар чораҳои сабуккуниро муайян менамояд, ки таъсироти зиёдеро то зарари андак ё ҳатто ҷузъӣ бартараф менамояд ё коҳиш медиҳад, ки дар сурати наандешидани тадбир метавонанд ба таври назаррас афзоиш ёбанд. Интизор меравад, ки сабуксозӣ барои рафъи ҳамаи хавфҳо то сатҳи мақбул кофӣ хоҳад буд. Барои баъзе таъсироти эҳтимолӣ, НИМЗИ таҳияи нақшаҳои муфассалро оид ба идоракунии хавфҳо ва хатарро пешбинӣ мекунад ва баррасии талаботҳои дахлдори ин нақшаҳоро дар бар мегирад.

Масъулияти асосӣ барои амалисозии чораҳои сабуккунӣ дар марҳилаи барқарорсозӣ ба Пудратчӣ вогузор карда мешавад, ҳарчанд ШХСК «Барқи Тоҷик» ва Мушовир оид ба идоракунии лоиҳа (инчунин ҳамчун Муҳандис-мушовир, Муҳандис-фармоишгар ё Муҳандис-нозир маълуманд) барои баъзе амалҳо масъул хоҳанд буд. Тамоми корҳои Пудратчӣ, аз ҷумла татбиқи чораҳои кам кардани паёмадҳо, аз ҷониби Мушовир оид ба идоракунии лоиҳа назорату пайгирӣ карда мешавад ва назорату масъулияти ниҳоӣ ба ШХСК «Барқи Тоҷик» вогузор мегардад. Бояд қайд кард, ки ШХСК «Барқи Тоҷик» қисман тавассути МИЛ ва Пудратчӣ низ барои риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои экологиву иҷтимоии Бонки ҷаҳонӣ, муқаррароти умумии Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, ҳифзи саломатӣ ва меҳнат (Дастурамали МЗТМ) ва Тавсияҳои Бонки ҷаҳонӣ оид ба истифодаи таҷрибаи пешқадам, ки ҳар яки онҳо метавонанд нисбат ба тавсияҳои дар ин НИМЗИ овардашуда талаботи муфассалтар дошта бошанд, масъул хоҳад буд.

Нақшаи идоракунии экологиву иҷтимоӣ (Ҷадвали №5) ба тариқи зайл ташаккул ёфтааст:

- Фасли 1.0 чораҳоеро дар бораи марҳилаи харид дар бар мегирад (яъне раванде, ки дар он ШХСК «Барқи Тоҷик» Пудратчиро интихоб мекунад)

- Фасли 2.0 чораҳоеро дар бар мегирад, ки бояд дар марҳилаи таҳияи лоиҳа аз лаҳзаи бастани шартнома бо Пудратчӣ то оғози корҳои асосӣ дар барқарорсозии пули саворагарди Норак амалӣ карда шаванд. Ба он ҷалби коргарон ва мутахассисон, таҳияи нақшаҳои муфассали идоракунӣ (тибқи талаботи НИМЗИ), омӯзиши коргарон дар корҳои сафарбаркунӣ, ҷойгиркунии анборҳои сохтмонӣ, майдонҳои тайёрӣ ва қароргоҳҳо дохил мешаванд.
- Фасли 3.0 тадбирҳо дар вақти сохтмонро дар бар мегирад, ки аз сафарбаркунии тамоми коргарон ва таҷҳизот дар маҳалли кор, ба итмом расонидани ҷойгиронии анборҳо ва қароргоҳҳо, омӯзонидани ҳамаи коргарон барои иҷрои бехатари вазифаҳо ва иҷрои корҳои барқарорсозӣ иборат мебошад.
- Фасли 4.0 чораҳоеро дар бар мегирад, ки бояд ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ ва васлгарӣ аз ҷониби Пудратчӣ ба амал бароварда шаванд.
- Фасли 5.0 чораҳоеро дар бар мегирад, ки бояд дар ҳама марҳилаҳои фаъолият, аз харид то ба анҷом расонидани корҳои сохтмону васлгарӣ амалӣ карда шаванд.

6.2 Нақшаи мониторини муҳити зисту иҷтимоӣ

Мувофиқи ҷадвали чораҳои кам кардани таъсир дар ҷадвали №6 Нақшаи мониторинги муҳити зисту иҷтимоӣ оварда шудааст. Татбиқи нақшаи мазкур барои таъмини омӯзиши ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои воқеии экологӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ зарур аст, то ки чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд, агар чораҳо ба таври кофӣ кам кардани таъсироти воқеиро пешбинӣ накунанд. Қайд кардан муҳим аст, ки аксарияти уҳдадориҳои МИЛ дар соҳаи мониторинг дар ҷадвал нишон дода нашудаанд, зеро МИЛ ҳама ҷанбаҳои фаъолияти Пудратчиро ба таври доимӣ назорат менамояд. Ҳадафҳои мониторинги муҳити зисту иҷтимоӣ аз ноил шудан ба мақсадҳои зерин дар тамоми марҳилаҳои Лоиҳа иборатанд:

- Уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШХСК «Барқи Тоҷик», Бонки ҷаҳонӣ ва ҷомеаҳо иҷро гардиданд;
- Таъсири лоиҳа дар марҳилаи пеш аз сохтмон, ҳангоми сохтмон ва ҳини корҳои сохтмониву васлгарӣ муайян карда шуданд
- Чораҳои коҳишдиҳӣ то ҳадди зарурӣ ва далелҳои татбиқи ин тадбирҳо истифода мешаванд
- Самаранокии чораҳои кам кардани таъсир баҳогузорӣ ва норасоиҳо ошкор карда мешаванд.
- Тадбирҳои нармсозӣ такмил меёбанд ва дар ҳолати зарурӣ барои коҳиш додани таъсир ба таври иловагӣ тақвият дода мешаванд
- Барои ҳалли мушкилот ва тағйирот дар миқёси фаъолият бояд чораҳои пешгирӣ андешида ва татбиқ карда мешаванд.
- ШХСК «Барқи Тоҷик», мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки ҷаҳонӣ ҳуқуқ доранд, ки оид ба иҷрои талаботҳои худ гувоҳӣ диҳанд.

Тавре қаблан қайд гардид, ШХСК «Барқи Тоҷик» фаъолияти Мушовир оид ба идоракунии лоиҳа (МИЛ)-ро назорат хоҳад кард, ки дар навбати худ дар ҷараёни харид дастгирӣ менамояд ва сипас нақшаҳои идоракунии Пудратчиро баррасӣ ва тасдиқ намуда, фаъолияти Пудратчиёнро барои кафолат додани он ки Пудратчиён, зерпудратчиёни он ва ҳамаи коргарон чораҳои

зарурии кам кардани таъсирро дар марҳилаи пеш аз сохтмон, ҳангоми сохтмон ва ба охир расонидани корҳои сохтмониву васлгарӣ риоя мекунанд. Ин чораҳо аз омӯзиши коргарон барои шиносой бо ӯҳдадориҳои шахсии худ ва инчунин бо корфармоёни худ иборатанд.

Ҷадвали №6. Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ барои барқарорсозии пули саворагарди Норак

№	*Фаъолиятҳо*	*Таъсири манфии эҳтимолӣ*	*Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҷрибаи пешқадами идоракунӣ*	*Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ*	*Мақом / шахси масъул*
1.0 Марҳилаи харидҳо					
1.1	Омодасозии ҳуҷҷатҳои тендерӣ барои тарроҳии пул	– Имконнопазирии оптимизатсияи тарҳ барои пешгирӣ кардани таъсир ба одамон ва муҳити зист – Пули хатарнок	Мутобиқи талаботҳои Ҳуҷҷатҳои стандартии хариди Бонки ҷаҳонӣ, дар ҳуҷҷатҳои харид талаботҳои дахлдори санадҳои ҲМЗИТМ (ПВЗС, ПУТР, НИМЗИ-и мазкур) дохил карда мешаванд. Ба талаботи кории худ чизҳои зеринро ворид мегарданд: – Барои минтақаҳои нигоҳдорӣ ва анборҳо, инчунин қароргоҳҳо заминҳои азхудкардаи воқеъ дар масофаи каме дур аз биноҳои истиқоматӣ истифода мешаванд. – Лоиҳакашӣ бояд чораҳои махсуси бехатариеро дар бар гирад, ки барои таъмини бехатарии сохтмон заруранд (чораҳои муҳофизат аз фурӯпошӣ ва ғайра) – Чандирии тарҳ ҷиҳати бехатарии ҷойҳои корӣ (равшанӣ, пояҳо, ҳавогузарӣ ва ғайра), ки барои иҷрои бехатари вазифаҳо аз ҷониби ҳамаи коргаронон заруранд, бояд ба таври кофӣ баланд бардошта шавад. – Тарҳрезӣ бо дарназардошти принсипҳои дастрасии ҳамагонӣ (яъне пул барои ҳама корбарон, аз ҷумла кӯдакон, пиронсолон ва одамони дорои имкониятҳои маҳдуд бехатар ва дастрас хоҳад буд).	– Иштирокчиёни эҳтимолӣ зарурати ба ҳадди аққал расонидани таъсирро ба коргарон ва дарё мефаҳманд. – Лоиҳакашӣ талабот барои бехатарии кор ва истифодаи бехатари қисмати саворагардро дар бар мегирад. – Шумораи ҳадди аққали иштирокчиёни беихтисос	МИЛ, ШХСК "Барқи Тоҷик" Бонки ҷаҳонӣ (гирифтани "зид набудан")
1.2	Омодасозии ҳуҷҷатҳои тендерӣ/харид барои корҳои барқарорсозӣ	– Имконнопазирии иштирокчиёни музояда дар шинохти талаботи ҲМЗИТМ, банақшагирии масоили идоракунии ҲМЗИТМ ва дохил намудани талаботҳои ҲМЗИТМ дар пешниҳодҳои тендерӣ ва банақшагирии умумӣ – Таъсирҳои нораво	Мутобиқи талаботҳои Ҳуҷҷатҳои стандартии хариди Бонки ҷаҳонӣ дар ҳуҷҷатҳои харид ворид намудани ҳуҷҷатҳои дахлдори ҲМЗИТМ (ПВЗС, ПУТР, НИМЗИ-и мазкур) ва талаби он ки пешниҳодҳои тендерӣ унсурҳои асосии нақшаҳои зеринро ҳамчун қисми Стратегияҳои идоракунӣ ва нақшаи татбиқ (СИНТ) дар бар гиранд: – Мундариҷаи нақшаи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ – Нақшаи идоракунии захираҳои меҳнат	– Иштирокчиёни музояда талаботи ҲМЗИТМ-ро дарк мекунанд ва пешниҳодҳои дахлдори тендериро омода менамоянд – Иқтидори баландтари иштирокчиёни музояда дар соҳаи ҲМЗИТМ – Пешниҳодҳои воқеии тендерӣ	МИЛ, ШХСК "Барқи Тоҷик" Бонки ҷаҳонӣ (ризоият)

№	Фаъолиятҳо	Таъсири манфии эҳтимолӣ	Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҳрибаи пешқадами идоракунӣ	Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ	Мақом / шахси масъул
			– Кодекси рафтори кормандон ва механизми баррасии шикоятҳои кормандон, аз ҷумла муқаррароти дар СПДС ва дигар ҳуҷҷатҳои дар НИМЗИ зикршуда Муайянсозии ҳайати калидӣ дар сатҳи лоиҳа (яъне на дар сатҳи корпоративӣ), аз ҷумла: – Менеҷер (Роҳбар)-и ҲМЗИТМ – Мутахассиси бехатарии меҳнат – Менеҷери кадрҳо – Кафолати иҷрои ҲМЗИТМ-ро талаб намоед, ки на камтар аз 2% маблағи умумии шартномаро ташкил медиҳад		
1.3	Баррасӣ ва баҳогузории пешниҳодҳо	– Ба назар нагирифтани тахассуси иштирокчиёни музояда дар соҳаи ҲМЗИТМ ва таҳрибаи баҳодиҳии пешниҳодҳо – Таъсироти нораво	– Дохил намудани мутахассис (он)-и ҲМЗИТМ дар таркиби дастаи баррасии дархостҳо бо вақти кофӣ барои арзёбӣ – Дар рафти тамоми давраи сохтмон, огоҳии ҳамаи аъзои даста аз арзёбии талаботҳои калидии ҲМЗИТМ – Баҳодиҳӣ таҳрибаи корпоративӣ ва малакаи ҲМЗИТМ, таҳрибаи ҳайати кормандони ҲМЗИТМ (махсусан дар соҳаи бехатарӣ), инчунин тахассус ва баҳогузории нақшаҳои идоракуниро ба СУПР (аз ҷумла пуррагии нақшаи ҳифзи меҳнат ва ТБ, нақшаи идоракунии захираҳои меҳнат, Кодекси одоби кормандон ва МБШ барои кормандон) дар бар мегирад. – Эътироф ва хориҷ кардани иштирокчиёни бетахассус ё иштирокчиёни дорои нишондиҳандаҳои ғайриқаноатбахши ҲМЗИТМ дар гузашта	– Ҳангоми баҳогузорӣ тахассус ва таҳрибаи иштирокчиёни тендер дар соҳаи ҲМЗИТМ пурра ба назар гирифта мешавад – Дар гузашта довталабон барои сатҳи пасти бехатарӣ ва сатҳи паст дар соҳаи ҲМЗИТМ маҳрум карда шудаанд – Тавонмандӣ дар соҳаи ҲМЗИТМ эътироф ва арзёбӣ гардидааст	МИЛ, ШХСК "Барқи Тоҷик"
1.4	Интихоби пудратчиён	– Интихоби пудратчии ғайрикасбӣ ва ё нотайёр барои таҳия ва роҳандозии ҳамаҷонибаи НИМЗИ барои майдони сохтмон – Таъсироти нораво	– Нақшаҳои СУПР нишон медиҳанд, ки Пудратчӣ талаботҳои худро медонад ва метавонад барномаҳоро барои пешгирӣ ё назорат кардани таъсирот мутобиқ намояд – Кормандони асосӣ соҳибихтисос ва дастрас мебошанд	– Ба пудратчӣ супоридани қарордод, ки ин НИМЗИ-ро амалӣ карда метавонад ва нақшаҳои мушаххаси	ШХСК "Барқи Тоҷик" Бонки ҷаҳонӣ (гирифтани "зид набудан")

№	Фаъолиятҳо	Таъсири манфии эҳтимолӣ	Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҳрибаи пешқадами идоракунӣ	Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ	Мақом / шахси масъул
			– Супоридани қарордодҳо танҳо ба он пудратчиёне, ки малака ва таҷрибаи ҲМЗИТМ доранд ва ҷавобгӯи меъёрҳои мушаххас мебошанд	ҲМЗИТМ-ро таҳия ва татбиқ кунад – Пудратчӣ дар ниҳоят талаботи ҲМЗИТМ-ро иҷро менамояд – Таъхири камтар дар омодасозии лоиҳа ва сохтмон – Мавҷуд набудани таъсироти нораво	
2.0 Марҳилаи омодасозии Лоиҳа ва марҳилаи то оғози сохтмон					
2.1	Татбиқи Нақшаи ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор (НҲҶМ)	– Аҳолии маҳаллии ноогоҳ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор – Интизории ғайривоқеии аҳолии маҳаллӣ ва кормандони эҳтимолӣ – Нобоварии дарозмуддат ба пудратчиён ва ШХСК "Барқи Тоҷик" – Эътироз ё дигар бетартибиҳо – Вандализм	– Корҳои фаҳмондадиҳӣ бо ҷонибҳои манфиатдори муайяншуда – Пешниҳоди маълумоти воқеӣ дар бораи имкониятҳои ҷойҳои корӣ – Дар ҳолатҳои зарурӣ, мулоқотҳо бо пешвоёни ҷомеа ва шаҳрвандон – Амалисозии Механизми берунаи баррасии шикоятҳо – Омӯзонидани ҳайати лоиҳа (кормандони ШХСК "Барқи Тоҷик", кормандони МИЛ, кормандони пудратчиён ва ғайра) бо талаботҳои дахлдори ПВЗС, аз ҷумла бақайдгирии шикоятҳо ва иттилорасонӣ аз ҳалли онҳо	– Ҷомеаи ба таври зарурӣ огоҳ – Интизориҳои воқеӣ – Боварӣ ба пудратчӣ ва ШХСК "Барқи Тоҷик" барои ҳалли мушкилот – Ҳалли саривақтии шикоятҳо – Огоҳии ШХСК "Барқи Тоҷик" аз мушкилот ва хавфҳо – Шикоятҳо саривақт ва мутобиқи механизми баррасии шикоятҳо муҳокима карда мешаванд.	ШХСК "Барқи Тоҷик" (бо вазифаҳои мушаххас барои МИЛ ва Пудратчӣ)
2.2	Корҳои омодагӣ барои ҳалли мушкилоти вобаста ба ҲМЗИТМ	– Имконнопазирии кирои мутахассисони соҳибихтисос ва ба онҳо додани вақти кофӣ дар ҳалли мушкилот. – Риоя накардани талаботи истифодашаванда – Таъсири аз ҳад зиёд ба ҲМЗИТМ бо сабаби идоракунии нокифоя ё	– Таъини ҳайати калидии ҲМЗИТМ, ки дар пешниҳоди тендерӣ зикр шудааст ва фароҳам овардани вақти кофӣ барои онҳо дар иҷрои вазифаҳои худ, аз ҷумла: – Роҳбарон оид ба масоили ҲМЗИТМ (воҳиди нопурра ё пурраи корӣ) – Коршиноси / Назоратчии баландихтисоси бехатарӣ (рӯзи пурраи корӣ)	Ҳайати соҳибтахассус ба миқдори кофӣ барои амалисозӣ / назорати НИМЗИ-Пудратчӣ	Пудратчӣ

№	Фаъолиятҳо	Таъсири манфии эҳтимолӣ	Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҳрибаи пешқадами идоракунӣ	Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ	Мақом / шахси масъул
		имконнопазирии танзими мушкилот дар ҲМЗИТМ	– Ҳайати кормандони баландихтисос барои идоракунии партовҳо (ҳангоми зарурат, аз рӯи арзёбиҳо ба ¼ воҳиди корӣ) – Ба кор қабул кардан ва омӯзиши шумораи кофии кормандони техникаи бехатарӣ: ҳадди аққал як нафар дар як ҳайати корӣ ва таносуби умумии ҳадди аққал 1 нафар дар 50 коргар – Омӯзиши менеҷерон ва сарустоҳо / устоҳо оид ба талаботҳои асосии нармсозӣ нисбат ба ҲМЗИТМ (яъне НИМЗИ ва нақшаи мониторинг), аз ҷумла Кодекси рафтор ва МБШ барои кормандон – Таҳияи рӯйхатҳои назоратӣ барои истифода аз ҷониби ҳайати ҲМЗИТМ ҷиҳати сабт ва ҳисобот оид ба натиҷаҳои дахлдор – Таҳияи қолабҳо барои пешниҳоди ҳисоботи ҳармоҳаи ҲМЗИТМ ба Мушовир оид ба идоракунии лоиҳа – Таҳияи қолабҳо барои таҳқиқ ва рафъи сабабҳои асосии ҳодисаҳои ҷиддӣ / ҳароҳат / ҳодисаҳои нохуш – Таҳияи дафтарҳо барои бақайдгирии шикоятҳо аз ҷониби шахсони манфиатдор ва кормандони беруна ва тартиботи супоридани онҳо ба МИЛ ва ШХСК "Барқи Тоҷик"		
2.3	Омодасозии нақшаи идоракунии фаъолияти Пудратчӣ (ниг. ба сатри 3.4)	– Малакаҳои идоракунӣ барои пешгирии таъсирҳои номақбул кофӣ нестанд – Риоя накардани талаботи ҲМЗИТМ	– Нақша аз ҷониби мутахассиси баландихтисоси соҳаи ҲМЗИТМ омода карда шудааст – Нақша бояд аз ҷониби роҳбари лоиҳа / нозири назорати техникӣ дар майдони сохтмон ва сипас Барқи Тоҷик тасдиқ карда шавад – Нақшаи дохил кардани рӯйхатҳои назоратӣ барои назорат ва мушоҳида, ҷадвали гузаронидани чорабиниҳои назорат, талабот оид ба ҳисоботдиҳӣ, таъини ҳайат ва ғайра.	– Дастури возеҳ барои назорати ҲМЗИТМ	– МИЛ (омодасозӣ) – ШХСК "Барқи Тоҷик" (тасдиқ)
2.4	Анҷоми коркарди НИМЗИ-и Пудратчӣ тавассути омодасозӣ / навсозии ҳуҷҷатҳои зерин:	– Пудратчӣ бидуни барнома ҷиҳати пешгирӣ ё кам кардани таъсир ба захираҳои	– Нақшаҳои аз ҷониби мутахассисони ботаҷрибаи ҲМЗИТМ таҳия ва аз ҷониби роҳбарони лоиҳа қабулшуда	– Бидуни тартиботи асосӣ ё нақшаи муҳофизати кормандон, ҷомеа ва захираҳои экологӣ ҳеч	– Пудратчӣ (омодасозӣ) – МИЛ (тасдиқ)

№	Фаъолиятҳо	Таъсири манфии эҳтимолӣ	Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҳрибаи пешқадами идоракунӣ	Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ	Мақом / шахси масъул
	– Нақшаи идоракунии зерпудратчӣ (дар сурати зарурат) – Нақшаи идоракунии масолеҳ ва партовҳо (ниг. ба сатри 5.5 поён) – Нақшаи идоракунии захираҳои меҳнат, аз ҷумла Механизми баррасии шикоятҳо – Нақшаи идоракунии ҳаракат дар роҳ (сатри 3.2 ва 5.2) – Омодагӣ ба ҳолатҳои садамавӣ ва банақшагирии тадбирҳои вокуниш (сатри 5.7) – Нақшаи чорабиниҳо оид ба бехатарӣ ва беҳдошти меҳнат (сатри 3.2 ва сатри 3.6) – Дастури кадрӣ (анҷоми таҳияи нусхаи лоиҳавии СУПВ) – Нақшаи муҳофизати дарё ва соҳилҳои дарё (сатри 3.9) – Кодекси рафтори кормандон (анҷоми таҳияи нусхаи лоиҳавии СУПВ) Таҳияи нақшаҳо ё низомномаҳои муфассали методӣ / расмиёт бо мақсади: – Назорати садо ва чанг	инсонӣ ва муҳити зист корро оғоз мекунад – Воситаҳои нақлиёти хатарнок, садамаҳо – Нишондиҳандаҳои пасти Зерпудратчӣ дар соҳаи ҲМЗИТМ – Сарусадо ва / ё чанг ба мардум халал мерасонад – Барҳампошии муносибатҳо бо ҷомеа, зӯроварӣ, ҷиноятқорӣ, беморӣ бинобар ворид шудани коргарон – Шароити хатарноки кор, коргарон ба шароит омода нестанд – Шароити хатарнок ва / ё зиддибеҳдошӣ	– МИЛ тамоми нақшаҳо ва расмиёти дар НИМЗИ-и Пудратчӣ зикршуда, аз ҷумла нақшаҳои навшудаи СУПР, ки дар пешниҳоди тендерии Пудратчӣ оварда шудаанд, баррасӣ ва тасдиқ мекунад – Ҳамаи нақшаҳо тафтиш ва дар ниҳоят аз ҷониби мутахассисони баландихтисос тасдиқ карда мешаванд – Ҳамаи нақшаҳо омӯзиш дар маҳалли кор ва омӯзиши тамоми коргаронро дар самти техникаи бехатарӣ дар бар мегиранд – Гузаронидани корҳои таълимӣ оид ба зӯроварии гендерӣ барои ҳамаи коргарон – Кодекси рафтор аз ҷониби ҳамаи кормандони соҳа (Пудратчӣ, зерпудратчӣ, МИЛ, вобаста ба вазъият) қабул, эътироф ва имзо карда шудааст – Дар ҳама нақшаҳо талаботҳои мушаххаси омӯзиши таълимӣ мавҷуданд (кӣ омӯхта мешавад, кай ва чанд муддат омӯзиш гузаронида мешавад, чӣ фаро гирифта шудааст) – Нақшаҳо бояд ҳадди аққал шаш ҳафта пеш аз сафарбарнамоии пешбинишуда пешниҳод карда шаванд – Нақшаи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ бояд муқаррарот дар бораи коркарди бехатар ва идораи партовҳои сохтмонӣ (аз он ҷумла, рангҳо бо маводи заҳролуд омехта), назорат / ҳифз аз сарусадо, кор дар баландӣ, корҳои вобаста ба гармиву оташ / кафшеркунӣ, кор дар об ё дар наздикии он, кор дар ҷойҳои маҳдуд ва дигар хатарҳои махсусро бояд дар бар гирад. – Машварат бо мақомоти дахлдор дар бораи Нақшаи идоракунии ҳаракат дар роҳ (аз ҷумла истифодаи ҷамъиятии пул ҳангоми иҷрои корҳои барқарорсозӣ) – Нақшаҳои дахлдор бояд чораҳои пешгирии паҳншавии COVID-19-ро дар бар гиранд.	гуна амал иҷро карда намешавад – Барномаи фарогири пудратчӣ барои пешгирӣ ва то ҳадди камтарин расонидани таъсирот – Иҷрои нақшаҳои дахлдори риоя аз ҷониби зерпудратчӣ – Ҳамаи чорабиниҳо мутобиқи НИМЗИ-Пудратчӣ баргузор мешаванд – Бидуни ҳеч гуна таъсироти нораво ё пешгӯинашаванда	– ШХСК "Барқи Тоҷик" баррасӣ ҳангоми зарурат

№	Фаъолиятҳо	Таъсири манфии эҳтимолӣ	Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҳрибаи пешқадами идоракунӣ	Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ	Мақом / шахси масъул
	– Ҷойгиркунии коргарон ва идоракунии қароргоҳҳое, ки дар он ҷо коргарон истиқомат/кор мекунанд (ҳангоми зарурат)				
2.5	Таъин намудани мутахассиси иловагии соҳаи ҲМЗИТМ барои дастгирии назорати иҷрои муқаррароти ҲМЗИТМ аз ҷониби МИЛ	– Сатҳи нокифояи назорати пудратчиён аз сабаби вақти маҳдуд барои мутахассиси МИЛ – Нишондиҳандаҳои пасти пудратчиҳо дар соҳаи ҲМЗИТМ	– Таҳияи мушаххасоти техникӣ ва дархости пешниҳодӣ аз мутахассисони баландихтисоси соҳаи ҲМЗИТМ – Таъин кардани мутахассиси баландихтисосе, ки тамоми вақти кориро дар маҳал сарф кунад - барои дастгирии назорати таҳдиди НБО ва барқарорсозии пул аз ҷониби МИЛ бо мақсади назорати фаъолияти Пудратчӣ дар соҳаи ҲМЗИТМ	- Таъин ва дар ҷойи кор ҷойгирсозии мутахассиси баландихтисос барои назорат - Баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷроиши пудратчиён	ШХСК "Барқи Тоҷик" ё МИЛ
2.6	Дарёфти тамоми иҷозату салоҳиятҳои лозима	– Фаъолияти ғайриқонунӣ	– Гирифтани ҳама иҷозатномаҳои дахлдор пеш аз оғози корҳои сохтмонӣ, аз ҷумла: – Хулосаи мусбӣ баъди баррасии НИМЗИ аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист – Иҷозатнома барои пешбурди намуди фаъолият (аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст) – Иҷозати истифодаи замин барои бунёди шаҳракҳо, заводҳои асфалту бетонӣ ва (дар ҳолати зарурӣ) коркарди конҳо ҷиҳати истихроҷи хок барои тайёр кардани масолеҳи сохтмонӣ (шағал, қум, сангреза) ва корҳои заминсозӣ барои фарши роҳ (аз ҷониби Ҳукумат дода мешавад) – Иҷозат барои истифодаи махсуси об, дар ҳолати зарурӣ (пеш аз сохтмон ё дар марҳилаи сохтмон аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Геологияи тоҷик (обҳои техникӣ), Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (оби нӯшокӣ) дода шудааст) – Иҷозат барои партови моддаҳои зараровар ба атмосфера (ПҲМ) аз манбаъҳои статсионарӣ ва	– Гирифтани иҷозатномаҳо – Пешбурди фаъолият тибқи қонунгузорӣ	Пудратчӣ

№	Фаъолиятҳо	Таъсири манфии эҳтимолӣ	Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҳрибаи пешқадами идоракунӣ	Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ	Мақом / шахси масъул
			сайёр (аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист пеш аз сохтмон ё дар марҳилаи сохтмон дода мешавад) – Иҷозат барои партофтани моддаҳои хатарнок ба иншоотҳои об (ПҲМ) (дар марҳилаи сохтмон аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист дода мешавад) – Иҷозат барои кандани замин ҷиҳати нигаҳдории муваққатии партови сохтмонӣ (хоке, ки ба талаботҳои техникӣ ҷавобгӯ нест, асфалтҳои куҳна, масолеҳи бетонии баровардашуда ва ғайра) (қаблан ё дар марҳилаи сохтмон аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Ҳукуматҳо дода мешавад) – Иҷозат барои интиқоли партови сохтмониву маишӣ ҷиҳати нигаҳдошт дар ҷойҳои махсус ҷудошудаи нобудсозӣ (тибқи талаботи Ҳукуматҳо дода мешавад)		
2.7	Ба кор қабул намудан ва аз рӯйи таъинот истифода бурдани кормандон ва зерпудратчиён	– Коргарон ва / ё зерпудратчиёни ғайрикасбӣ – Суитафоҳумҳо дар бораи усулҳои киро – Шароити номуносиби кор (маоши кам, кормандони ноогоҳ, шароити хатарнок ва ғ.) – Аз ҳад зиёд аз кор рафтани кормандон;	– Иҷрои нақшаи идоракунии захираҳои кории Пудратчӣ (ниг. ба банди 2.4 дар боло) – Эълони ҷойҳои корӣ холӣ – Ҷалби сокинони маҳаллӣ ба кор, дар ҳоле ки афзалият ба сокиноне дода мешавад, ки бевосита аз Лоиҳа осеб мебинанд (> 50% сокинони маҳаллӣ, агар ШХСК "Барқи Тоҷик" бо далел ин нишондиҳандаро паст накунад) – Набудани кормандон аз 18-сола поён – Бастани шартномаҳои хаттӣ бо кормандон тибқи НИЗК ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон – Дигар муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон – Зерпудратчиён муқаррарот оид ба риояи талаботҳои НИЗК-и пудратчӣ НИМЗИ-Пудратчӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мегиранд. – Коргарон аз омӯзиши пурраи омодагии муқаддимавӣ мегузаранд	– Ба кор гирифтани ҳадди аксари сокинони маҳаллӣ аз лоиҳа осебдида ва дигар сокинони маҳаллӣ – Ба кор қабул кардани кормандон тибқи қонун (бидуни табъиз, имкониятҳои баробар, даромад ва ғ.) – Паст будани сатҳи аз кор рафтани кадрҳо	Пудратчӣ

№	*Фаъолиятҳо*	*Таъсири манфии эҳтимолӣ*	*Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҳрибаи пешқадами идоракунӣ*	*Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ*	*Мақом / шахси масъул*
2.8	Бунёди қароргоҳҳои сохтмонӣ / майдону қитъаҳо барои анбор	– Пудратчӣ бидуни салоҳияти дахлдор заминро истифода мебарад / убур мекунад – Ҷойгир кардани минтақаҳои сохтмон дар ҷойҳои номувофиқ – Таъсири аз ҳудуди минтақаи муқарраршуда берун	– То тасдиқи НИМЗИ-Пудратчӣ ҳеч фаъолияти барқарорсозӣ гузаронида намешавад – Минтақаҳо / қитъаҳои сохтмонӣ ба таври возеҳ нишон дода шудаанд – Ворид намудани талаботҳои НИМЗИ-Пудратчӣ нисбати сарусадо, сӯзишворӣ ва маводҳои хатарнок, бехатарии кормандон, бехатарии аҳолӣ ва ғайра, аз ҷумла омӯзиши коргарон дар мавзӯъҳои марбут ба фаъолияташон ва Кодекси рафтор – Ба кормандон омӯзонидани / огоҳ кардан ҷиҳати мондан дар ҳудуди кор ва ҷазо додан барои қонуншиканиҳо – Машварат бо раёсати БДА дар бораи нақшаи идоракунии ҳаракат дар роҳ – Пешбурди сабтҳои суратгирӣ ва дафтари хаттии тамоми қитъаҳои таҳти таъсири Лоиҳа (қароргоҳҳо, анборҳо ва ғ.)	– Мутобиқати НИМЗИ-и тасдиқшудаи Пудратчӣ – Адами таъсироти ғайричашмдошт ё ғайри қобили қабул – Халалдоршавии ҳадди аққали ҳаракати дар роҳ	Пудратчӣ
2.9	Бунёди биноҳои истиқоматӣ, ошхонаҳо, ҳаммомҳо	– Беморӣ ё фавти кормандон – Норозигии кормандон ва коҳиши маҳсулнокӣ – Ифлосшавии замин ва об	– Амалнамӣ тибқи дастурҳои СЕС2 / МФК / ЕБРР Ҷобаҷогузории кормандон: равандҳо ва стандартҳо ҳангоми зарурати бо манзил таъмин кардан – Таҳия ва истифодаи рӯйхатҳои назоратӣ барои истифода ва хидматрасонии техникии ошпазхонаҳо, ошхонаҳо, манзилҳои истиқоматӣ ва ғ. – Таъини шахсони масъули тозагии биноҳо, ҷойҳои корӣ ва дигар минтақаҳое, ки таҳти назорати Пудратчӣ мебошанд – Таъмини иншооти санитарӣ дар ҳама қитъаҳои корӣ, таҳия ва татбиқи қоидаҳое, ки ба кормандон истифодаи буттаҳоро манъ мекунад.	– Таҷҳизот ва шароити санитарию гигиенӣ – Кормандони солим – Ҳоҷатхонаҳо дар ҷойҳои зарурии мувофиқ ҷойгир карда мешаванд	Пудратчӣ

№	Фаъолиятҳо	Таъсири манфии эҳтимолӣ	Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҳрибаи пешқадами идоракунӣ	Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ	Мақом / шахси масъул
3.0 Марҳилаи сохтмон					
3.1	Салоҳиятҳо барои оғози иҷроиши кор	– Кор то тасдиқ ва амалисозии НИМЗИ-и Пудратчӣ оғоз меёбад – Таъсироти нораво	– Тасдиқи ҳама гуна иҷозатномаҳои зарурӣ – Шиносоӣ бо ҳамаи нақшаҳое, ки ҳамчун қисми НИМЗИ-и Пудратчӣ заруранд (ниг. ба сатрҳои 2.3 дар боло) – Вақте ки нақшаҳо ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, СЭИ-и Бонки ҷаҳонӣ, дастаи МЗТМ Бонки ҷаҳонӣ ва ПМОП мувофиқат мекунанд, пас онҳо тасдиқ карда мешаванд ва иҷозатнома барои оғози кор дода мешавад.	– НИМЗИ-Пудратчӣ ба ҳамаи стандартҳо мувофиқанд	МИЛ
3.2	Ҳамаи амалҳо, оғоз аз сафарбарнамоӣ	– Ҷароҳатҳо ё фавти кормандон	Амалисозии нақшаи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ (ниг. ба сатри 2.4 дар боло), аз ҷумла: – Итминон аз он, ки мутахассиси тиб ҳангоми сохтмон дар тамос ё дар ҷойи кор қарор дорад – Иҷозатномаи тиббӣ ба кормандон барои иҷрои вазифаҳои худ, ҳайати тиббии навбатдор (ҳамшираҳо) – Арзёбии хавфҳо ва муайяннамоии чораҳои нармсозӣ барои ҳамаи вазифаҳо, бо ВҲИ ҳамчун чораи ниҳоӣ – Таҳияи вазифаҳо барои кори ниҳоят бехатар – Кормандон бо таҷҳизот ва асбобҳои зарурӣ, инчунин воситаҳои ҳифзи инфиродӣ барои иҷрои бехатари вазифаҳои худ таъминанд (муҳофизати сар, пойафзол, дастпӯш, либоси корӣ, муҳофизати чашм, муҳофизати узвҳои шунавоӣ, муҳофизати узвҳои нафаскашӣ ва ғ.) – Таъмини низомҳои ҳифзи инфиродӣ аз афтиш, шабакаҳои муҳофизатӣ, деворҳо, таҷҳизоти махсус барои дастрасӣ ба пул (платформаҳои гидротехникӣ ва ғ.) ва дигар воситаҳои зарурӣ барои пешгирии афтодани коргарон ба об дар робита бо корҳо дар пул – Вазифаҳои гузошташударо танҳо кормандони таълимдодашуда иҷро карда метавонанд	– Вазифаҳо бидуни ҷароҳат ва фавти кормандон иҷро шуданд – Вазифаҳо бе расонидани зарар ба растаниҳо, замин ё моликият берун аз минтақаи сохтмон иҷро шуданд	– Пудратчӣ (нақшаҳои Пудратчӣ)

№	Фаъолиятҳо	Таъсири манфии эҳтимолӣ	Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҳрибаи пешқадами идоракунӣ	Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ	Мақом / шахси масъул
			– Кормандони БТ тамоми корҳоро назорат мекунанд (ҳадди аққал 1 нафар ба экипаж ва 1 нафар ба 50 коргар дар умум) – Теъдоди кофии мутахассисони кумаки аввалияи тиббӣ дар ҳолати зарурӣ – Дорудонҳои пурра омода дар ҳама воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизот ва дастрасии зуд ба ҳама ҷойҳои корӣ – Барқарорсозии тамос бо муассисаҳои тиббии наздиктарин ва кормандони онҳо ва ҳангоми зарурат дастгирӣ намудан – Баҳисобгирии омори бехатарӣ (вақти корӣ, ҳодисаҳои эҳтимолии хатарнок бидуни паёмад, ҳодисаҳои ночиз ва садамаҳо, ҳодисаҳои нохуш) – Таъмини таҷҳизоти дастрас барои наҷот дар ҷойҳои корӣ дар боло ва наздикии об – Талаботи муфассал ва омӯзиши кор бо рангҳои омехта бо маводҳои заҳролуд – Кормандони касбии хадамоти БТ бояд риояи талаботҳоро то ҳадди ихроҷ аз кор барои қонунвайронкуниҳои такрорӣ таъмин намоянд – Муҳофизат аз COVID-19 Иҷрои нақша / тартиботи идоракунии ҳаракат дар роҳ (ниг. ба сатрҳои 2.4 ва 5.4), аз ҷумла: – Маҳдудиятҳои минималии ҳаракат ва пиёдагардон бо пешниҳоди нақлиёти алтернативӣ ё кумак аз рӯйи зарурат – Аломат (овеза) барои огоҳ кардани ронандагон ва пиёдагардон дар бораи маҳдудиятҳо дар истифодаи пул, вақти боз кардан / бастани роҳ – Машварат бо идораи маҳаллии БДА дар бораи вақти ҳаракати вазнин, таъмири роҳ, муҳлати бастани пулҳо ва ғ. – Ронандагон / амалгароне, ки барои васоити нақлиёт ва таҷҳизот иҷозатнома доранд, ронандагони омӯзонидашуда ва озмудашуда		

№	Фаъолиятҳо	Таъсири манфии эҳтимолӣ	Тадбирҳои нармсозии паёмадҳо/ Таҳрибаи пешқадами идоракунӣ	Натиҷаи мақсаднок аз рӯйи ҷамъбасти нармсозӣ	Мақом / шахси масъул
Арзёбии сифати об дарё	Моддаҳои ченкардашуда, pH, ҳарорат, тирагӣ		Озмоишҳои электронӣ	Ҳармоҳа дар вақти сохтмон		

Навъи фаъолият	*Кадом*	*Дар куҷо*	*Чӣ гуна*	*Кай*	*Барои чӣ*	*Кӣ*
	(параметр бояд мониторинг шавад?)	*(мониторинги параметр гузаронида мешавад?)*	*(мониторинги параметр гузаронида мешавад?)*	*(басомад ва /ё муттасилӣ муайян карда мешавад?)*	*(мониторинги параметри мазкур гузаронида мешавад?)*	*(барои монитооринг масъул аст?)*
	Оби тира	Соҳили дарё ва дарё	Мушоҳидаи визуалӣ	Пайваста, ҳадди ақал, ҳаррӯза	Тафтиши гузаронидани назорати эрозия, тафтиши мавҷуд набудани хисороти барқасдона ба соҳилҳои дарё ва дарё.	Мутахассиси соҳаи ҲМИЗТМ-и Пудратчӣ
				Аз рӯйи зарурат, ҳадди ақал, ҳаррӯза		Мутахассиси соҳаи ҲМИЗТМ, ки Мушовир оид ба идоракунии лоиҳаро муаррифӣ мекунад
Таъмини сатҳи муносиби гигиена	Беҳдошт, об ва ғ.	Ошпазхонаҳо, ҷойҳои истироҳат, ҳоҷатхонаҳо, биноҳои истиқоматӣ	Нозирот	Еженедельно	Тафтиши он ки иншооти санитарӣ ба стандартҳои ПМОП мувофиқат мекунанд	Сармуҳандиси лоиҳа Сардори хадамоти ҲМИЗМТ-и Пудратчӣ
	Ҳоҷатхонаҳо ва оби ошомиданӣ	Қитъаҳои иҷроиши кор	Мушоҳидаҳо	Ежедневно во время нахождения на участке производстве работ	Тафтиши ин ки кормандон ба оби ошомиданӣ дастрасӣ доранд – Тафтиши ин ки кормандон ба ҳоҷатхонаву ҳаммом дастрасӣ доранд	Сардори хадамоти техникаи бехатарӣ ва /ё Мутахассисон дар соҳаи ҲМЗИТМ, Нозири сохтмон, роҳбарон
			Нозирот	По крайней мере, еженедельно		Мутахассиси ҲМЗИТМ ва/ё Корманди хадамоти техникаи бехатарии Пудратчӣ
		Минтақаҳои интихобшудаи кор, идора	Назорат ва тамошои сабтҳо	Ҳармоҳа		Мутахассис дар соҳаи ҲМЗИТМ, мушовири намояндагикунанда оид ба идораи лоиҳа
Ҳалли шикоятҳои кормандон	Пудратчӣ, дафтарр қайди шикоятҳои кормандон	Минтақаҳои корӣ ва шуъбаи қайдҳо (шуъбаи умумӣ)	Шиносоӣ бо дафтари қайди шикоятҳо	Ҳар ҳафта	– Шоҳидӣ додан дар бораи он, ки шикоятҳо ба таври лозима қайд ва баррасӣ мешаванд;	Сардори шуъбаи кадрҳо ва Сармуҳандиси лоиҳаи Пудратчӣ
	МИЛ, дафтари қайди шикоятҳои кормандон					Роҳбари ҲМЗИТМ, мушовири

Навъи фаъолият	*Кадом*	*Дар куҷо*	*Чӣ гуна*	*Кай*	*Барои чӣ*	*Кӣ*
	(параметр бояд мониторинг шавад?)	*(мониторинги параметр гузаронида мешавад?)*	*(мониторинги параметр гузаронида мешавад?)*	*(басомад ва /ё муттасилӣ муайян карда мешавад?)*	*(мониторинги параметри мазкур гузаронида мешавад?)*	*(барои монитооринг масъул аст?)*
					– Аз рӯи зарурат, андешидани чораҳои зарурӣ	намояндагикунандаи оид ба идораи лоиҳа
	ШХСК "Барқи Тоҷик", дафтари қайди шикоятҳо					Роҳбари ҲМЗИТМ/Сардори шуъбаи кадрҳо дар ШХСК "Барқи Тоҷик"
	Баррасӣ ва ҳалли шикоятҳо		Шиносоӣ бо баъзе шикоятҳо; мусоҳиба бо роҳбароне, ки барои ҳалли шикоятҳои кормандон масъуланд	То ҷаласаҳои ҳармоҳа дар бораи рафти татбиқи лоиҳа оид ба барқарорсозӣ	Шоҳидӣ додан дар бораи он, ки шикоятҳо ба таври лозима қайд ва баррасӣ мешаванд; Агар не, андешидани чораҳои зарурӣ	Пудратчӣ, МИЛ, ШХСК "Барқи Тоҷик": Сардори шуъбаи кадрҳо ва сардори хадамоти ҲМЗИТМ
Таъмини ҳалли шикоятҳои тарафҳои манфиатдор	Дафтари қайди шикоятҳои тарафҳои манфиатдор	Шӯъбаи умумӣ (шуъбаи сабтҳои) Пудратчӣ	Шиносоӣ бо дафтари қайди шикоятҳо	Ҳар ҳафта	Шоҳидӣ додан дар хусуси он, ки шикоятҳо қайд ва баррасӣ мегарданд	Сардори шуъбаи кадрҳо ва Сармуҳандиси лоиҳаи Пудратчӣ
	Баррасӣ ва ҳалли шикоятҳо	Ҷомеа	Мусоҳиба бо ҷонибҳои маниатдори баргузидае, ки шикоят кардаанд ва бо шахсоне, ки дар ҳалли ин шикоятҳо масъуланд	То ҷаласҳои ҳармоҳа дар бораи рафти татбиқи Лоиҳа	Шоҳидӣ додан дар хусуси он, ки шикоятҳо ба таври зарурӣ баррасӣ мегаданд	Роҳбари ҲМЗИТМ /Сардори шуъбаи кадрҳои Пудратчӣ, Мутахассис оид ба масоили ичтимоь/CLP
			Шиносоии муфассал бо дафтарҳои қайди шикоятҳо ва муҳокимаи он бо шахсони масъули баррасии шикоятҳо	Ҳармоҳа	Тафтиши ин ки шикоятҳо қайд ва баррасӣ карда мешаванд	Роҳбари ҲМЗИТМ/Сардори шуъбаи кадрҳои мушовир оид ба идораи лоиҳа
Ҷалби тарафҳои манфиатдор	Овардани кормандон ба ҷомеаҳо	Ҷомеа	– Андешаҳо дар бораи дафтари шикоятҳо – Мусоҳиба бо пешвоёни ҷомеа	Ҳар семоҳа	Муайянсозии зарурати омӯзиш /аз кор рондан / ва ғ.	Роҳбари ҲМЗИТМ /Сардори шуъбаи кадрҳои Пудратчӣ, Мутахассис оид ба масоили иҷтимоӣ/CLO

Навъи фаъолият	*Кадом*	*Дар куҷо*	*Чӣ гуна*	*Кай*	*Барои чӣ*	*Кӣ*
	(параметр бояд мониторинг шавад?)	*(мониторинги параметр гузаронида мешавад?)*	*(мониторинги параметр гузаронида мешавад?)*	*(басомад ва /ё муттасилӣ муайян карда мешавад?)*	*(мониторинги параметри мазкур гузаронида мешавад?)*	*(барои монитооринг масъул аст?)*
	Қаноатмандии ҷомеа аз Лоиҳа	Ҷомеа	– Андешаҳо дар бораи дафтари шикоятҳо – Мусоҳиба бо пешвоёни ҷомеа ва сокинони маҳаллӣ	Ҳар семоҳа	Муайянкунии мушкилоти ҷомеа	Мутахассис оид ба масоили иҷтимоӣ, CLO
			– Вохӯриҳо бо ҷонибҳои манфиатдор барои додани иттилоот, дарёфти тамоси ҷавобӣ	Ҳамасола	Огоҳонидани ҷомеа, муайянкунии мушкилот	Дастаи ШХСК "Барки Тоҷик" оид ба масоили ҲМЗИТМ

Инчунин бояд қайд кард, ки сатҳи якуми мониторинг дар марҳилаи сохтмон аз ҷониби пудратчӣ дар доираи идоракунии ҳамарӯзаи кор анҷом дода мешавад. Ин тавассути мониторинги мунтазам аз ҷониби мушовир оид ба идоракунии лоиҳа ва то ҳадди камтар тавассути мониторинг аз ҷониби ШХСК "Барқи Тоҷик" ва Бонки ҷаҳонӣ такмил дода мешавад. Ғайр аз ин, ҳангоми сохтмон ҳадди аққал як аудити якҷониба гузаронида шуда, аудити дигар бевосита пеш аз ҷамъбасти корҳои сохтмону васлгарӣ аз ҷониби пудратчиён, гузаронида мешавад.қайд кард, ки сатҳи якуми мониторинг дар марҳилаи сохтмон аз ҷониби пудратчӣ дар доираи идоракунии ҳамарӯзаи кор анҷом дода мешавад. Ин тавассути мониторинги мунтазам аз ҷониби мушовир оид ба идоракунии лоиҳа ва то ҳадди камтар тавассути мониторинг аз ҷониби ШХСК "Барқи Тоҷик" ва Бонки ҷаҳонӣ такмил дода мешавад. Ғайр аз ин, ҳангоми сохтмон ҳадди аққал як аудити якҷониба гузаронида шуда, аудити дигар бевосита пеш аз ҷамъбасти корҳои сохтмону васлгарӣ аз ҷониби пудратчиён, гузаронида мешавад.

6.3 Омӯзиш ва баланд бардоштани огоҳӣ

Барои кафолати огоҳии ҳамаи иштирокчиёни лоиҳаи барқарорсозии пули саворагарди Норак аз талаботи ҲМЗИТМ, ки ба уҳдадориҳои онҳо дохил мешавад, Пудратчӣ як барномаи таълимӣ ва баланд бардоштани огоҳнокиро амалӣ мекунад. Ин барнома тадриҷан ба ниёзҳои ашхоси зери хатар қарордошта ва ё онҳое, ки коргарон ё унсурҳои гуногуни лоиҳаро идора менамоянд мутобиқ карда мешавад. Сатҳи тафсилоти фаъолиятҳои омӯзишӣ вобаста ба миқёси коре, ки омӯзанда бояд иҷро кунад афзоиш меёбад. Ҳадаф аз он иборат аст, ки ҳама кормандон дар бораи таъсири эҳтимолии лоиҳа ва фаъолияти онҳо, инчунин таъсире, ки онҳо ба коргарони дигар, ҷомеа ва муҳити зист доранд, огоҳ бошанд.

Омӯзиш бо ҳамаи онҳое, ки бо майдони сохтмон алоқаманданд, гузаронида мешавад:

- **Дастурамали муқаддимавӣ** ба ҳама ироа мегардад, ба қитъаи сохтмон дахл дорад, аз ҷумла ба кормандон ва роҳбарони ШХСК «Барқи Тоҷик», кормандони Бонки ҷаҳонӣ ва дигарон, ки на ҳама вақт дар майдони сохтмон ҳозир мешаванд бо омӯзиши ҳардафъаинаи онҳо ҳангоми боздид аз ҳамагуна қитъаҳои корӣ. Ин гуна омӯзиш барои категорияҳои гуногуни омӯзандагон (боздидкунандагон, таъминкунандагон, менеҷерон ва роҳбарони коргарон ва ғайраҳо) имкон медиҳад, ки хатарҳои этимолие омузанда бо он дучор шуданаш мумкин аст, чораҳои зарурӣ оид ба нармсозӣ ё пешгирии хатарҳо, амалҳои дар ҳолатҳои фавқулодда андешидашаванда, минтақаҳои барои дастрасӣ маҳдуд ва амалҳои манъ карда шуда, ҳадди аққали ВҲИ ва дигар мавзӯъҳоро аз рӯи зарурат муайян намоянд. Боздидкунандагон бояд ҳамеша аз ҷониби пудратчӣ ё кормандони МИЛ ҳамроҳӣ карда шаванд. Менеҷерон ва коргарон ҳангоми ташрифи аввали оно ба минтақа ва ҳадди аққал соле як маротиба пас аз он дастурамали муқаддимавиро мегузаранд.
- **Омӯзиши истеҳсолӣ** ба ҳамаи Пудратчиён ва менеджерҳои МИЛ, коргарон ва дигар кормандон пешниҳод карда мешавад. Дар давоми ин омӯзиш, чӣ гуна бехатар иҷро кардани корҳои худ дар қитъаҳои барои дастрасӣ пӯшида ва фаъолиятҳои манъшуда,аз ҷумла истифодаи ҳатмии таҷҳизоти муҳофизатӣ ва ВҲИ пешниҳод мегардад. Ба супервайзер (сарусто) омӯзонида мешаванд, ки чӣ тавр кормандоне, ки дар итоати онҳо мебошанд, вазифаҳои худро ба таври бехатар иҷро кунанд.
- **Омодагии иловагӣ** оид ба техникаи бехатарӣ барои корҳое, ки иҷозатномаи махсусро талаб менамоянд ба он коргароне дода мешавад, ки уҳдадориҳои онҳо

дар митақаҳои хатараш бештар буданро, аз қабили кор дар баландӣ, кор дар болои об, кор дар ковишҳо, кор бо таҷҳизоти вазнин, кор дар фазои маҳдуд ва ғайраро тақозо мекунад.

- **Ба ҳамаи роҳбарон** ва сурпервайзерҳо ва ҳайати роҳбарикунанда назорат дар самти ҲМЗИТМ омӯзонида мешавад. Ба ҳамаи шахсоне, ки ба сифати супервайзер ё роҳбар баромад мекунанд, оид ба талаботи экологӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла талаботи бехатарии меҳнат ки як қисми ин НИМЗИ ва НИМЗИ Пудратчӣ маълумот дода мешаванд.

Пудратчӣ бояд қайди ҳамаи чорабиниҳои омӯзишӣ, аз ҷумла сана ва вақт, давомнокии омӯзиш, мавзӯъҳо, ном ва вазифаҳои омӯзандагон, имзои омузгоронро анҷом диҳад. Сабтҳо дар идораи марказии Пудратчӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Пудратчӣ, инчунин, дар қароргоҳҳо, манзилҳои истиқоматӣ ва минтақаҳои корӣ аломатҳо мегузорад, ки дар онҳо огоҳӣ аз хатарҳо ва талаботҳои мушаххас ҷой доранд. Ин аломатҳо дар ҳолати зарурӣ ба хотири ҳатмӣ будани мавҷудияти онҳо дар ҳамаи минтақаҳои иҷрои кор ва ё дар атрофи онҳо таъмир ва ё иваз карда мешаванд.

6.4 Рухдодҳо, номутобиқатӣ ва чораҳои ислоҳӣ

Пудратчӣ тартиби баҳисобгирӣ, пайгирӣ, муайянкунии чораҳои ислоҳкунанда ва рафъи вайронкунии талаботи қоидаҳои ҲМЗИТМ, аз ҷумла ин НИМЗИ ва НИМЗИ-Пудратчиро таҳия мекунад. Агар мушоҳидаҳо, санҷишҳо ё санҷиши сабтҳо дар доираи мониторинги 6-и талабкардашаванда нишон диҳанд, ки Пудратчӣ ё дигарон ба талабот, аз ҷумла НИМЗИ-Пудратчӣ, ҷавобгӯ нестанд, он ҳуҷҷатонида шуда, то гирифтани ҷавобҳои қаноатбахш ва исботи мувофиқат ба талабот пайгирӣ карда мешаванд. Ҳолатҳои риоя накардани талаботи ҲМЗИТМ фавран ва ё муҳлати кӯтоҳтарини имконпазир бо чораҳои ҷавобии баробар ба хатари мутобиқат накардан (ки метавонанд аз истифода накардани оддитарин қоидаҳои ВҲИ сар карда то истифодаи нодурусти ва ба ҳаёт хатарноки дастгоҳҳо бошанд) бартараф карда мешаванд. Ҳама ҳолат ба ғайр аз ҳолатҳои ночизтарин ҳуҷҷатгузорӣ карда шуда, дар ҳолати қонқушинкании такрорӣ новобаста аз миқёси он бояд ба қайд гирифта шаванд. Бояд низоми зинавии ҷаримаҳо ворид карда шуда, он барои кормандоне, ки талаботи ҲМЗИТМ, аз ҷумла истифодаи дурусти ПБ-ро вайрон мекунанд аз огоҳиҳои шифоҳӣ то танбеҳи хаттӣ ва аз кор озодкунӣ барои қонунвайронкуниҳои такрорӣ татбиқ карда шавад. Ҳамингуна, низоми марҳилавии ҷарима барои супервайзерон ва менеҷерҳо дар ҳолати мушоҳида шудани ҳолатҳои рухдодҳои такрорӣ дар соҳаи амният ё дигар қонунвайронкуниҳо ва ё мушкилоти вобаста ба иҷрои кор ё кормандони таҳти назорати онҳо қарордошта бояд ҷойгир карда шавад. Кормандони ҲМЗИТМ бояд ваколат дошта бошанд, ки дар мавриди муайяннамоии вайронкунии ҷиддии бехатарӣ ё дигар талаботҳои ҲМЗИТМ, ки метавонанд ба ҷароҳати ҷисмонӣ ё хисороти молӣ расонанд, дар хусуси боздоштани кор фармон диҳанд. Дар ин ҳолат, танҳо роҳбари лоиҳа ва кормандони ҲМЗИТМ салоҳият доранд, ки барои шуруи дубораи кор ва танҳо баъди бартараф шудани мушкилӣ иҷозат диҳанд.

Ғайр аз ин, кормандон ҳуқуқ доранд, ки аз иҷрои ин ё он вазифа дар ҳолати хавф доштан аз зарари ҷиддӣ ва ё паёмади манфӣ барои ҳаёт даст кашанд. Дар ин ҳолат, супервайзер ва роҳбари лоиҳа бояд ташхиси амиқ гузаронида барои паст кардани хатар ё тағйир додани вазъи корӣ чораҳои дахлдор андешанд.

6.5 Ҳисоботдиҳӣ

Ҳисоботҳои МИЛ, ки барои баррасӣ ба ШХСК «Барқи Тоҷик» пешниҳод шудаанд ва ҳисоботҳои Пудратчӣ, ки барои баррасии МИЛ пешниҳод шудаанд, ба шартномаҳои дахлдор мувофиқат мекунанд. Ҳисоботи ҳармоҳа маълумоти муфассалро дар бораи нишондиҳандаҳои экологӣ, иҷтимоӣ, вазъи саломатӣ ва бехатарии меҳнат, инчунин ҳадди аққал ҷанбаҳои зеринро, ки баъзе онҳо метавонанд илова бар талаботҳои шартномавӣ бошанд дар бар мегиранд:

- Ҳолати қонунвайронкуниҳо ва чораҳои ислоҳӣ, ки дар ин бора дар ҳисоботи моҳи гузашта ҳамчун кори иҷронашуда хабар дода шуда буд;
- Тавсифи мухтасари фаъолиятҳои дар моҳи гузашта иҷро ва ба анҷом расонидашуда;
- Қувваи корӣ: шумораи кормандон (МИЛ, пудратчӣ ва зерпудратчиён), шумораи кормандони маҳаллӣ ва дигар (шаҳрвандони Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ), шумораи занон ва мардон, шумораи кормандони нав, шумораи аз кор озод кардан ва сабабҳои он;
- Тавсифи мухтасари фаъолият оид ба назорати иҷрои ҲМЗИТМ: ҳар рӯзи корӣ аз ҷониби мутахассисони ҲМЗИТМ, шумораи санҷишҳо, боздиди аз минтақаҳои иҷрои корҳо ва ғайра;
- Натиҷаҳои фаъолият оид ба назорати ҲМЗИТМ: мушкилоти муайяншуда ва андешидани чораҳо (огоҳӣ ё аз кор озод кардан, фармоиш дар бораи қатъ кардани кор, талабот ба таҳҳизоти бехатарӣ ё таҳҳизоти нави муҳофизати шахсӣ ва дигар амалҳо);
- Тавсифи мушкилоти мушоҳидашавандаи экологӣ (резиш, нигоҳдории нодурусти маводҳо, идораи нодурусти партовҳо ва ғайра) ва чораҳое, ки барои ба талабот мувофиқ кардани ҷанбаҳои мушаххасгардида андешида шудаанд;
- Тавсифи машваратҳо бо мақомоти маҳаллӣ ва аъзои ҷомеаи маҳаллӣ, аз ҷумла маълумот дар бораи иштирокчиён, сабабҳо ва натиҷаҳо;
- Боздид аз ҷойҳои корӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимият, кормандони ГТЛ-и назди ШХСК "Барқи Тоҷик", кормандони Бонки ҷаҳонӣ ва дигар шахсони масъули назорат: сабабҳои ташриф ва натиҷаҳо;
- Маълумоти мухтасар оид ба шикоятҳои кормандон (МИЛ, пудратчӣ ва зерпудратчӣ), ки дар давраи то ин замон қабулшудаанд, шумораи шикоятҳои то ин замон ҳалшуда ва шумораи шикоятҳои ҳалнашуда. Ҳангоми мавҷуд будани шикоятҳое, ки дар давоми 30 рӯз ҳалли худро наёфтанд, ҳисобот бояд тавсифи шикоят, сабабҳои пайдо накардани роҳҳали он ва амалҳои зарурие ро, ки бояд андешида шаванд, дар бар гирад.

Илова бар ҳисоботи мунтазами ҳармоҳа, Пудратчӣ бояд дар бораи мушкилот ва рухдодҳои муҳим ба МИЛ, МИЛ-и ШХСК «Барқи Тоҷик» хабар диҳад. Чунин рухдоду ҳодисаҳо ҷароҳатҳои вазнин ё ҳолатҳои фавти коргарон, ҳама гуна хисорот ба моликияти хусусӣ ё ҷароҳат ба аъзои ҷомеа, резиши назаррас ва ё партови моддаҳои хатарнок, эътирозҳо ё ҳодисаҳои марбут ба лоиҳа ва ҳолатҳои дигареро, ки дар шартномаҳои дахлдор нишон дода шудаанд, дар бар мегиранд.

6.6 Реализация, штатное расписание и издержки

ШХСК "Барқи Тоҷик" ба фаъолияти Мушовир оид ба идоракунии лоиҳа (МИЛ) назорат мебарад, ки дар навбати худ нақшаҳои худ оид ба идоракунии пудратчиёнро баррасӣ ва тасдиқ менамояд ва пасон пудратчиёнро ҷиҳати таъмини ин, ки ин ширкатҳо, зерпаймонкорони онҳо ва ҳамаи кормандон тадбирҳои зарурии нармсозии таъсирро дар марҳилаи пеш аз сохтмон, ҳангоми сохтмон ва анҷоми корҳои васлсозию сохтмонӣ татбиқ месозанд, назорат мекунад. Ин чораҳо аз омӯзиши коргарон барои шиносоӣ бо уҳдадориҳои шахсии худ ва инчунин бо корфармоён иборатанд. Сатҳи аввали мониторинг дар рафти сохтмон аз ҷониби пудратчиён дар доираи идоракунии фаъолиятҳои ҷорӣ анҷом дода мешавад. Ин бо мониторинги қариб доимии Мушовир оид ба идоракунии лоиҳа (МИЛ) пурра карда мешавад.

Мувофиқи талаботҳои қарордоди сохтмонӣ, пудратчӣ ҳар моҳ ба Мушовири оид ба идоракунии лоиҳа ҳисобот пешниҳод мекунад, ки он дар навбати худ ба ШХСК "Барқи" ҳисобот медиҳад. Ин ҳисоботҳо шарҳи мухтасари нишондиҳандаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла мувофиқат ба талаботи НИМЗИ-ро дар бар мегиранд. ШХСК "Барқи Тоҷик", дар навбати худ, на камтар аз як маротиба дар як семоҳа ба Бонки ҷаҳонӣ оид ба нишондиҳандаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ҳисобот пешниҳод менамояд.

Дар зер рӯйхати кормандон ва роҳбарон оид ба масъалаҳои ҲМЗИТМ, ки барои ҷорисозӣ ва назорати иҷрои НИМЗИ масъуланд, оварда мешавад:

- **ШХСК "Барқи Тоҷик"** дар ҳайати худ менеҷер оид ба ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зист (ҲМТБ ва ҲМЗ) дорад, ки барои Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак масъул аст ва барои машварат ва дастгириҳои дигар, аз рӯи зарурат, мушовиронро таъин мекунад.

- **Мушовир оид ба идоракунии лоиҳа** як мутахассиси ҲМЗИТМ барои назорати сохтмон дар доираи Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак дорад, аммо айни замон ин мутахассис бо ду рӯзи корӣ дар як моҳ маҳдуд аст. Баъдан ҳадди ақал як мутахассиси иловагии доимӣ бо таҷрибаи корӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ (аз ҷониби ШХСК "Барқи Тоҷик" ё МИЛ) таъин карда мешавад, то назоратро дар соҳаи ҲМЗИТМ барои Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак ва Лоиҳаи барқарорсозии пули саворагарди Норак таъмин намояд.

- **Пудратчӣ** бояд менеҷери баландихтисоси ҲМЗИТМ-ро барои назорати ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, инчунин ҳадди аққал як корманди техникаи бехатариро барои ҳар 50 корманд дошта бошад. Ғайр аз ин, бояд як корманди ҳифзи муҳити зист (бо ним воҳиди корӣ) вуҷуд дошта бошад, ки партовҳо, обҳои ифлос, маводҳои хатарнокро идора намояд ва раҳнамоии умумӣ дар маҳалҳо ва мутахассиси баландихтисосро барои ҳалли дигар мушкилоти кормандон таъмин намояд (яъне, масъалаҳои умумии шуғл ва кадрҳо)

- Талабот ба **Зерпудратчиён** аз ҷониби Пудратчӣ муайян карда мешавад. Агар зерпудратчиён мавҷуд бошанд, пас барои ҳар 50 корманд менеҷери ҲМЗИТМ ва ҳадди ақал як корманди техникаи бехатарӣ лозим аст.

- ШХСК "Барқи Тоҷик" **ширкати байналмилалии машваратиеро** ҷиҳати гузаронидани аудити даврии самаранокии ҲМЗИТМ барои Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак, аз ҷумла барқарорсозии пули саворагарди Норак таъин мекунад

Буҷаи умумӣ барои иҷрои талаботи Нақшаи идоракунии муҳити зисту иҷтимоӣ ва мониторинги чунин нақшаҳо, ба истиснои хароҷоти вобаста ба пардохтҳои иҷтимоӣ, тақрибан 100,000 доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Ин хароҷоти тахминии зеринро дар бар мегирад:

- Хароҷот барои ҳайати кормандони ШХСК "Барқи Тоҷик" ва Мушовир оид ба идоракунии лоиҳа: аз 10 000 то 25 000 доллари ИМА
- Пудратчӣ (ҳама хароҷотҳо, ба истиснои хароҷоти марбут ба тарҳсозиҳои иҷтимоиро дар бар мегирад): тақрибан 60 000 доллари ИМА
- Аудитҳои беруна: ба хароҷоти умумии Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак дохил карда шудаанд
- Идоракунии партовҳо ва маводҳо: 20 000 доллари ИМА

Баъзе хароҷотҳои дигар ба буҷа барои фаъолиятҳои экологиву иҷтимоӣ дар тамоми Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак, аз ҷумла аудитҳои беруна ва машваратҳои солона дохил карда мешаванд.

7 Ҳамкории мутақобила бо ҷонибҳои манфиатдор

Машваратҳои хулосавӣ моҳҳои март ва апрели соли 2020 бо мақсади пешниҳоди маълумот дар бораи Лоиҳаи таҳдиди НБО-и Норак, аз ҷумла барқарорсозии пули саворагарди Норак ва бо мақсади ин ки ҷонибҳои манфиатдор тавонанд саволҳо ва ҳамагуна нигарониҳои худро изҳор намоянд, баргузор шуданд. Вохӯриҳо дар шаҳрҳои Душанбе ва Норак баргузор гардиданд ва дар онҳо зиёда аз 100 нафар, аз ҷумла намояндагони ШХСК «Барқи Тоҷик», НБО-и Норак, шаҳри Норак, КСМ ва ҷамъиятҳои маҳаллӣ иштирок намуданд. Масъалаҳое, ки дар рафти машваратҳои хулосавӣ муҳокима шуданд, дар ин нусхаи навшудаи АТМЗИ ва дар ин нусхаи ниҳоии НИМЗИ барои пули саворагарди Норак баррасӣ гардидаанд.

Нусхаҳои лоиҳавии ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла АТМЗИ-и навшудаи Лоиҳаи таҳдиди НБО-и Норак, НИМЗИ барои пули саворагарди Норак, шарҳи иҷроиш ва нақшаи ҳамкориҳои мутақобила бо ҷонибҳои манфиатдор барои баррасӣ ва тавзеҳи омма дар аввали моҳи май нашр шуданд. Дар робита бо пандемияи COVID-19 ягон ҷаласаи кушод баргузор нагардид, аз ин рӯ, дар тӯли ду ҳафтаи аввали моҳи май - қадамҳои зерин барои машварат бо ҷонибҳои манфиатдор андешида шуданд.

- Дар радиои маҳаллӣ эълон шуд, ки нусхаи навшудаи АТМЗИ барои Лоиҳаи таҳдиди НБО-и Норак, нусхаи навшудаи НИМЗИ барои Лоиҳаи барқарорсозии пули саворагарди Норак ва НЧЭП мавҷуд аст. Нусхаҳои чопшуда дар идораи марказии ШХСК "Барқи Тоҷик" дар Душанбе ва дар шаҳрдории Норак мавҷуданд. Нусхаҳои электронӣ дар торнамои ШХСК "Барқи Тоҷик" дастрасанд.

- Ҳуҷҷатҳо барои баррасӣ дар идораи марказии ШХСК "Барқи Тоҷик", НБО-и Норак ва бинои Ҳукумати шаҳри Норак пешниҳод карда шуданд.

- Бо риояи чораҳои дахлдори марбут ба COVID-19, бо намояндагони ҷонибҳои асосии манфиатдор барои паҳн кардани нусхаҳои ҳуҷҷатҳо мулоқотҳо баргузор шуданд. Пасон намояндагон он ҳуҷҷатҳоро ба дигарон тавзеъ намуда, дар лавҳаҳо гузоштанд.

- Бо намояндагони ҷонибҳои асосии манфиатдор тамоси телефонӣ анҷом дода шуд, то онҳо дар бораи мавҷудияти ҳуҷҷатҳо огоҳӣ пайдо кунанд ва аз онҳо пурсида шуд, ки оё мехоҳанд нусхаҳои коғазиро гиранд ва чӣ гуна онҳо шарҳҳои худро (почтаи электронӣ, телефон ё почта) пешниҳод менамоянд.

Ҷонибҳои асосии манфиатдоре, ки бо онҳо машварат доир гардид, аз мақомотҳои ҳукумати маҳаллии шаҳри Норак ва зерсохторҳои ташкилотҳои ҳукуматӣ (РСЭ дар сатҳи маҳаллӣ / шаҳрӣ, КҲМЗ (Экологҳо), шуъбаи иқтисод, шуъбаи сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, меҳнат, муҳофизат ва шуғл, раёсати БДА ва шӯрои шаҳр), чор корхонаи манзилӣ ва истифодабарии шаҳри Норак, ҷамоатҳои маҳаллӣ (шаҳри Норак ва ҷамоатҳои ҳамҷавори Дуконӣ ва Пули Сангин) ва маъмурияти НБО-и Норак иборат мебошанд.

Дар ҷадвали №8 масъалаҳои аз тарафи ҷонибҳои манфиатдор бардошташуда ҷамъбаст карда шудаанд.

Ҷадвали №8. Масъалаҳои аз тарафи ҷонибҳои манфиатдор бардошташуда

Шарҳҳои ҷонибҳои манфиатдор дар робита бо Лоиҳаи таҳдиди НБО-и Норак	*Ҷавоб*
Сокинони маҳаллӣ бояд ба ҳайси коргарони сохтмон ҷалб карда шаванд	НИМЗИ Пудратчиро ба киро кардани коргарони маҳаллӣ ташвиқ мекунад
Огоҳ намудани пиёдагардон аз манъи убури пул пеш аз баста шудани он	Яке аз талаботҳои НИМЗИ огоҳинома дар бораи бастшавии пул аст
Хатти интиқоли оби нӯшокиро ба соҳили чап ба назар гирифтан зарур аст	Ин ба тарҳ дохил карда шуда буд
Эълон кардани ҷойҳои кории холӣ барои ҷалби қувваи корӣ	НИМЗИ Пудратчиро вазифадор менамояд, ки эълонҳои ҷойҳои кории холиро пешниҳод намояд
Ҳангоми интиқоли масолеҳи сохтмонӣ барои ҳифзи одамон аз садамаҳо бояд чораҳои махсуси муҳофизатӣ андешида шаванд.	НИМЗИ, ҳамчун яке аз талаботҳои ҳатмӣ, таҳияи Нақшаи идоракунии ҳаракати роҳро пешбинӣ мекунад
Лоиҳа бояд тадбирҳои иловагии зеринро ба назар гирад: - Таъмини оби нӯшокӣ - Сохтмони маҷмааи варзишӣ - Сохтмони мактаб барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ - Сохтмони маркази тиббӣ - Сохтмони китобхона бо толори хониш - Асфалтпӯшии роҳҳо - Сохтмони майдончаҳои бозии кӯдакон дар назди биноҳои истиқоматии Хоҷагии манзилию коммуналии №3	Тавсияҳо аз доираи ин Лоиҳа берун мераванд, аммо барои дастгирӣ аз ҷониби давлат мувофиқанд
Таъмини ҳузури мутахассиси тиб дар қитъа	НИМЗИ ҳузури ҳайати дахлдори тиббиро дар ҷои кор талаб мекунад
Якчанд ислоҳоти техникӣ	Ба ҳуҷҷатҳои ниҳоӣ ислоҳоти дахлдор ворид карда шуданд
Дастгирии ҳамаҷонибаи татбиқи Лоиҳа	Иродатмандӣ изҳор гардид

Тибқи талаботи нусхаи навшудаи НҲҶМ, ШХСК "Барқи Тоҷик" таҷрибаи ҷории гузаронидани машваратҳоро бо ҷонибҳои манфиатдори маҳаллӣ ҳадди ақал ҳар сол, аз рӯйи зарурат, бо машваратҳои иловагӣ идома хоҳад дод. Пас аз ҳар як мулоқот ШХСК "Барқи Тоҷик" дар торнамои худ гузоришеро нашр хоҳад кард, ки дар он муҳокимаҳову амалҳо ҷамъбаст гардидаанд.

Илова бар машваратҳо оид ба ҳуҷҷатгузорӣ ва банақшагирии экологиву иҷтимоӣ, унсури калидии ҳамкории муассир бо ҷонибҳои манфиатдор ин таъмини механизме мебошад, ки ҷонибҳои манфиатдор метавонанд барои пешниҳоди шарҳу шикоятҳо оид ба лоиҳа ва кафолат додани қабул ва баррасии онҳо истифода баранд. Нақшаи ҳамкории мутақобила бо ҷонибҳои манфиатдор механизми баррасии шикоятҳоро тавсиф мекунад, ки ШХСК "Барқи Тоҷик" ба ҷонибҳои манфиатдор барои пешниҳоди шикоят ё эродҳо медиҳад. Нақшаи ҳамкории

мутақобила бо ҷонибҳои манфиатдор ва торнамои ШХСК "Барқи Тоҷик" шакле доранд, ки барои шарҳу эзоҳ истифода бурдан мумкин аст. Ин шакл инчунин маълумоти тамос (суроғаи почтаи электронӣ, суроғаи почта, рақами телефон)-ро барои ироаи шарҳҳо ё шикоятҳоро дар бар мегирад.